ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Модули 2
# Банақшагирии дарс
# дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо
# (Дастур барои омӯзгор)

**Душанбе - 2016**

Дастури мазкур ба сифати маводи таълимию методии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ доир ба татбиқи низоми таълими салоҳиятнокӣ дар доираи стандартҳои фаннӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаи шарикии глобалии таҳсилот, марҳилаи чорум таҳия гаштааст.

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 28 апрели соли 2016 таҳти № 6/37 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:** Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.

Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва змимаҳо, Душанбе - 2016 с.– 73 саҳ.

**Зери назари** Назирӣ Л. Қ. – муовини вазири маориф ва илм, номзади илмҳои педагогӣ

**Муҳаррирон:**

Кабиров Н. – директори ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе.

Собиров С. – сардори раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

**Муқарризон:**

Исрофилниё Ш. Р. –доктори илмҳои филологӣ;

Абдуллоев И. – дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ;

Зоолишоева Б. – мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии ФДҶТИБКСМ, номзади илмҳои педагогӣ;

Раҳимов И. – мутахассиси раёсати таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

Сарсухан ..... 5
I. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо ..... 6
1.1. Сохтори стандартҳои фаннӣ ..... 7
1.2. Сохтори нақшаҳои дарс ..... 11
1.3. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанни “Забони модарӣ” ..... 13
1.4. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанни “Математика” ..... 15
1.5. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанҳои “Санъат ва меҳнат” ва “Табиатшиносӣ” ..... 17
1.5.1. Фанни “Санъат ва меҳнат” ..... 17
1.5.2. Фанни “Табиатшиносӣ” ..... 18
1.6. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанҳои “Суруд ва мусиқӣ” ва “Тарбияи ҷисмонӣ” ..... 19
1.6.1. Фанни “Суруд ва мусиқӣ” ..... 19
1.6.2. Фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ..... 20
II. Баъзе масъалаҳои ташкили раванди таълим мувофиқи стандартҳои нав ..... 23
2.1. Вазифаи хонагӣ ..... 23
2.1. Нақшаи маҷлиси падару модарон оид ба низоми таълими нав ..... 23
Замимаҳо ..... 26
Ҷадвали салоҳиятҳо аз фанни “Забони модарӣ” барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ..... 26
Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Забони модарӣ” барои синфи 2–юм. 30
Намунаи дарс аз роҳнамои омӯзгор ..... 34
Ҷадвали салоҳиятҳо аз фанни математика барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ..... 40
Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Математика” барои синфи 3–юм ..... 43
Намунаи дарси Роҳнамои омӯзгор аз фанни “Математика” барои синфи 1. ..... 47
Намунаи замима ба китоби дарсӣ аз фанни “Математика” ..... 50
Ҷадвали салоҳиятҳои фанни “Табиатшиносӣ” барои синфҳои 1-4 ..... 51
Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Табиатшиносӣ” барои синфи 1-ум ..... 52
Намунаи нақшаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор аз фанни “Табиатшиносӣ” барои синфи 4 ..... 53
Замима ба китоби дарсии фанни “Табиатшиносӣ” барои синфи 4. ..... 55
Ҷадвали салоҳиятҳои фанни “Суруд ва мусиқӣ” барои синфҳои 1-4 ..... 57
Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Суруд ва мусиқӣ” барои синфи 3 ..... 58
Намунаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор аз фанни “Суруд ва мусиқӣ” барои синфи 2 ..... 59

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни "Санъат ва меҳнат" барои синфҳои 1-4.................... 62
Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни "Санъат ва меҳнат" барои синфи 3...... 62
Намунаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор барои фанни "Санъат ва меҳнат" барои синфи 1 .......................................................................................................... 63
Намунаи замима ба китоби дарсӣ аз фанни "Санъат ва меҳнат" барои синфи 1 65
Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" барои синфи 2 .... 68
Намунаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор барои фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" барои синфи 1 .......................................................................................................... 69
Адабиёт.......................................................................................................... 72

## Сарсухан

Омӯзгори мухтарам!

Ба мақсади расонидани ёрии ҳаматарафаи методӣ барои татбиқи стандартҳои нави зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва гузариш ба низоми таълими салоҳиятнокӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷат ва маводи таълимию методиро омода кардааст. Маҷмӯи маводи таълимию методии мазкур ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар самтҳои банақшагирӣ, таълим ва арзёбӣ мувофиқи талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ ёрӣ мерасонад.

Маҷмӯи таълимию методӣ маводи зеринро фаро мегирад:

**Стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ** – Стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳидаро муайян намуда, консепсияи ташаккули салоҳиятҳоро пешниҳод менамоянд. Дар маҷмӯъ стандартҳои ҳамаи фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мувофиқи нақшаи таълим таҳия гаштаанд.

**Роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳои фаннӣ** – роҳнамои омӯзгор ивазкунандаи барномаи таълим буда, алоқамандии салоҳиятҳои стандартҳо, мазмуну мундариҷаи таълим ва маводи таълимии китоби дарсӣ таъмин менамояд. Роҳнамои омӯзгор барои ҳар як фан мувофиқи синф таҳия шудааст. Дар роҳнамои омӯзгор тарзи банақшагирии раванди ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ба таври пурра пешниҳод карда мешавад. Ҳар як соати дарсӣ пурра ба нақша гирифта шуда, дар онҳо салоҳиятҳои фаннӣ бо мазмун ва мундариҷаи барнома ва китобҳои дарсӣ мутобиқ гардонда шудаанд.

**Замима ба китоби дарсӣ** – маводи мазкур барои хонанда таҳия шудааст. Мақсади асосии таҳияи замима ба китобҳои дарсӣ пурра гардондани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва мутобиқ сохтани онҳо ба стандартҳои нави низоми таълими салоҳиятнокӣ мебошад. Замима ҳамчун маводи иловагӣ барои ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ истифода мешавад.

Модули мазкур ба мақсади расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ барои дар амал татбиқ кардани стандарт, роҳнамо ва замима ба китобҳои дарсӣ таҳия шудааст. Модули мазкурро Шумо метавонед мустақилона ё дар раванди курсҳои такмили ихтисос аз худ намоед. Омӯзиш ба шумо дар рушди чунин салоҳиятҳо мусоидат менамояд:

- шарҳ дода тавонистани сохтори стандартҳо ва мазмуни ҳар як фасли он;
- шарҳ дода тавонистани сохтори дарсҳои намунавии роҳноми омӯзгор, ва дарки моҳияти ҳар як қисми нақшаи намунавии дарсҳо;
- тафсир намудани салоҳиятҳои фаннӣ ва нишондиҳандаҳои онҳо;
- муайян намудани алоқамандии дарсҳои намунавии роҳнамои омӯзгор бо стандарт ва китобҳои дарсӣ;
- таҳлил намудани навъҳои дарсҳои тавсияшаванда ва баррасии тарзи дар амал татбиқ кардани онҳо.

## I. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо

Тағйири низоми таълим раванди дурудароз ва мураккаб буда, тағйиротро дар самтҳои гуногун тақозо мекунад. Ба мақсади таъмини дурустӣ ва самаранокии гузариш ба низоми нави таълими салоҳиятнокӣ Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷат ва маводи таълимию методиро омода кардааст, аз ҷумла, Стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ. Ин ҳуҷҷатҳо мақсад ва вазифаҳои мушаххас доранд, ки иборат аст:

- стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳидаро муайян намуда, консепсияи ташаккули салоҳиятҳоро пешниҳод менамоянд;
- дар роҳнамои омӯзгор тарзи банақшагирии раванди ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ ба таври пурра пешниҳод карда мешавад. Ҳар як соати дарсӣ пурра ба нақша гирифта шуда, дар онҳо салоҳиятҳои фаннӣ бо мазмун ва мундариҷаи барнома ва китобҳои дарсӣ мутобиқ гардонда шудаанд;
- мақсади асосии таҳияи замима ба китобҳои дарсӣ пурра гардондани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва мутобиқ сохтани онҳо ба стандартҳои нави низоми таълими салоҳиятнокӣ мебошад. Замима ҳамчун маводи иловагӣ барои ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ истифода мешавад.

Дар ҷадвали поён ба таври муфассал вазифаҳои стандарт, роҳнамои омӯзгор ва замима ба китобҳои дарсӣ оварда мешаванд:

| Номгӯйи мавод | Вазифаҳо |
|---|---|
| Стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ | – Муайян намудани мақсад ва вазифаҳои фанни таълимӣ дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ;<br>– муайян намудани салоҳиятҳои фаннӣ мувофиқи синф (синфҳои 1–4);<br>– муқаррар намудани нишондиҳандаҳои асосии салоҳиятнокии хонандагон бо мақсади арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон;<br>– аниқ сохтани консепсия ва назарияҳои асосии низоми таълими салоҳиятнокӣ;<br>– муқаррар намудани методологияи маркази таълими фан. |
| Роҳнамои омӯзгор | – Муайян намудани мазмун ва мундариҷаи фан ба мақсади ташаккули салоҳиятҳое, ки дар стандартҳо муқаррар шудаанд;<br>– пешниҳоди нақшаи муфассали дарсҳо бо назардошти салоҳиятҳои стандартҳо ва мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва замимаҳо ба китобҳои дарсӣ;<br>– тафсири методикаи мушаххаси таълими фан;<br>– пешниҳоди воситаҳои арзёбии салоҳиятҳо. |
| Замима ба китоби дарсӣ | – Пешниҳоди маводи иловагии таълим барои таъмини алоқамандии стандартҳои фаннӣ ва китобҳои дарсӣ;<br>– ғанӣ гардондани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ ба мақсади ташаккули салоҳиятҳои хонандагон. |

Маводи мазкур барои татбиқи самараноки низоми таълими салоҳиятнокӣ мусоидат карда, ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки раванди таълимро мувофиқи талаботи стандартҳо ба роҳ монанд.

### 1.1. Сохтори стандартҳои фаннӣ

Стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар сохтори ягона таҳия шудаанд. Стандартҳо ҷанбаҳои гуногуни таълими фанро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мувофиқи синф фаро мегиранд. Дар ҷадвали поён сохтори умумии стандартҳои фаннӣ шарҳ дода мешаванд:

| Фасли стандарт | Мундариҷа |
|---|---|
| I. Муқаррароти умумӣ | Дар фасли мазкури мафҳумҳои асосӣ, заминаи меъёрии ҳуқуқии стандартҳои фаннӣ, соҳаи истифодаи стандартҳо, принсипҳои асосии стандартҳои фаннӣ, мақсад ва вазифаҳои стандартҳо пешниҳод мешаванд. |
| II. Салоҳиятҳои фаннӣ | Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фаннӣ мувофиқи синф ва самтҳои таълим, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ, салоҳиятҳои тарбиявӣ–ахлоқӣ, нишондиҳандаҳои хислатҳо ва салоҳиятнокии омӯзгорон пешниҳод мегардад. |
| III. Ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ | Дар фасли мазкур назария ва принсипҳои заминавии низоми таълими салоҳиятнокӣ, аз ҷумла, фардикунонии раванди таълим, принсипҳои таълими самаранок, ташаккули малакаҳои фикрронии дараҷаҳои баланд, алоқамандии байнифаннӣ, стратегия ва методикаи таълими фан мувофиқи талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ баррасӣ мешаванд. |
| IV. Арзёбӣ | Дар фасли мазкур низом, восита ва методҳои арзёбии салоҳиятнокии хонандагон баррасӣ мешаванд. Намунаҳои воситаҳои арзёбӣ мувофиқи талаботи фан пешниҳод шуда, ба омӯзгорон роҳҳои истифодаи воситаҳои мазкур шарҳ дода мешаванд. |
| V. Роҳнамои омӯзгор | Дар фасли мазкур нақшаи муфассали ҳамаи дарсҳо мувофиқи бобҳои таълим ва мавзӯъҳо бо назардошти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон оварда мешавад. Дар дарсҳои мазкур салоҳиятҳои стандартҳо, мавзӯи барнома ва маводи китоби дарсӣ алоқаманд карда шудаанд. |

Омӯзгор кай ва ба кадом мақсад стардарт ва роҳнамои омӯзгорро истифода бурда метавонад?

Фасли **муқаррароти умумӣ** аслан шиносномаи стандарт ба ҳисоб меравад. Омӯзгорон бо мафҳумҳои асосии стандарт, заминаи меъёрииии ҳуқуқӣ, принсипҳои асосӣ, мақсад ва вазифаҳои стандартҳо шинос мешаванд. Маълумоти дар фасли мазкур пешниҳодшуда ба омӯзгорон ва кормандони дигари соҳа хеле муҳим буда, барои дарки зарурати таҳияи стандартҳои нав мусоидат менамояд.

Фасли **салоҳиятҳои фаннӣ** асоси стандартҳоро ташкил мекунад. Зеро дар он талаботи асосӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар шакли салоҳиятҳо пешниҳод мегарданд. Салоҳиятҳо мувофиқи самтҳои таълими фан ва синф бо

назардошти мураккабшавӣ дар ҷадвал бо рақами мушаххас пешниҳод мегарданд. (Нигаред ба замимаи 1. Ҷадвалҳои салоҳиятҳои фаннӣ).

Салоҳиятҳои фаннӣ дар асосӣ меъёрҳои мушаххас тартиб дода шудаанд:

**Салоҳият бояд мушаххас бошад.** Салоҳият низоми таҳсилоти маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратро аз самти муайяни таълим инъикос менамояд.

**Қобили санҷиш.** Оё ба салоҳият ноил гаштанро санҷидан мумкин аст? Мо набояд салоҳиятҳои зиёдро бо феълҳои «донистан» ва «фаҳмидан/дарк кардан» истифода барем, зеро чен кардани «донистан» қариб номумкин аст.

**Иҷрошаванда.** Салоҳиятро хонандагон бо захираҳои (имконияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ) дастрас, инчунин вақти мувофиқ бояд аз худ карда тавонанд.

Ҳар як салоҳият рақамгузорӣ шудааст. ***Масалан***: 2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии на он қадар калон (то 200 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад. Дар ин ҷо: **2. – *синф*,** **3. – *самти таълим*, 3. – *рақами салоҳият***. Яъне, 2.3.3. – синфи дуюм, самти таълими сеюм ва салоҳияти сеюм. Салоҳиятҳо аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб таҳия шудаанд.

Намуна:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд. | 1.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима) -ро, ки (1-2) калимаи нав доранд, муайян мекунад. | 2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии он қадар калон (то 200 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад. | 3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад. | 4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 калима), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад. |

Сипас **нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ** барои ҳамаи салоҳиятҳо оварда мешаванд. Нишондиҳандаҳо барои арзёбии сатҳи ташаккули салоҳиятҳо ёрӣ мерасонанд.

Намуна (Фанни “Забони модарӣ” барои синфи 2):

**Салоҳият:** 2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии он қадар калон (то 200 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

**Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ**:

- усули гуногуни хонишро барои дарки мазмуни матнҳои хурд истифода барад;
- доир ба мазмуни матнҳои нисбатан мураккаб ва калонҳаҷм саволу ҷавоб кунад;
- мазмуни матнҳои хурди ҳикоягиро муфассал ва интихобӣ нақл карда тавонад;
- пайдарҳамии мантиқии матнҳои ҳикоягии хурдро муайян карда тавонад;
- аз мазмуни матнҳои сода хулоса бароварда тавонад;
- мазмуни ду матни хурдро муқоиса кунад;
- мазмуни матнҳои мушаххасро бо ҳаёт алоқаманд кунад;
- тахайюлот ва воқеият будани мазмуни матнҳои содаро муайян карда тавонад.

Омӯзгор дараҷаи ноил гаштани хонандагонро ба салоҳиятҳои таълим арзёбӣ менамояд. Ҳарчанд хонандагон ба воситаи мақсадҳои таълимии дарс қисман ба салоҳиятҳо ноил гарданд ҳам, ба омӯзгор зарур аст, ки далелҳои зиёди ба ин монандро ҷамъ оварад ва қайд намояд. Аз ин рӯ, дар стандартҳо нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ҳамчун роҳнамо барои омӯзгор ҳангоми арзёбии салоҳиятҳо ёрӣ мерасонанд.

Нишондиҳандаҳо шаклан ба мақсади таълимии дарс монананд, аммо омӯзгорон набояд онҳоро ҳамчун мақсади дарс истифода баранд, зеро:

1. Онҳо танҳо намуна буда, миқдори чунин нишондиҳандаҳо зиёд буда метавонанд. Шояд омӯзгорон нишондиҳандаҳои дигари дараҷаи расидан ба салоҳиятҳоро муайян кунанд.
2. Нишондиҳандаҳо аслан ба далеле равона мегарданд, ки ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Шояд рафтор ё фаъолияти дигар хонандагон ҳамчун нишонаи салоҳиятнокии онҳо шинохта шаванд.
3. Нишондиҳандаҳои мазкур дараҷаи муайянро инъикос намекунанд (инчунин ҳадди ақал низ нестанд). Шояд хонандагон аз нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда дастовардҳои бештареро ноил гарданд ё ба чанде аз онҳо ноил нагарданд.

Ҷадвали салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии стандартҳои фанҳои “Забони модарӣ”, “Математика”, “Санъат ва меҳнат”, “Суруд ва мусиқӣ”, “Табиатшиносӣ” ва “Тарбияи ҷисмонӣ”–ро аз назар гузаронед. Саволҳо ва мушкилоти пайдошударо бо тренер ё ҳамкасбатон муҳокима намоед.

Дар фасли **ташкили раванди таълими салоҳиятнокӣ** назария ва принсипҳои заминавии низоми таълими салоҳиятнокӣ, аз ҷумла, фардикунонии раванди таълим, принсипҳои таълими самаранок, ташаккули малакаҳои фикрронии дараҷаҳои баланд, алоқамандии байнифаннӣ, стратегия ва методикаи таълими фан мувофиқи талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ баррасӣ мешаванд. Ба омӯзгорон мутолиа ва мавриди истифода қарор додани талаботи фасли мазкур барои татбиқи бомуваффақияти низоми таълими салоҳиятнокӣ тавсия карда мешавад. Асосан омӯзгорон дар асоси талаботи фасли мазкур раванди таълимро ба нақша мегиранд. Назария ва ақидаҳои дар фасли мазкур пешниҳодшуда заминаи низоми таълими салоҳиятнокиро ташкил медиҳанд, донистан ва татбиқи онҳо дар амал ҳамчун қисми таркибии салоҳиятнокии омӯзгор шинохта мешавад.

Тавсияҳои методии фасли мазкур ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки раванди таълимро мувофиқи мақсад ба роҳ монда, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон шароити мувофиқи таълимӣ фароҳам оранд.

Присип ва назарияҳои таълими салоҳиятнокӣ ва фасли методикаи таълими фанро мутолиа карда, аниқ созед, ки барои татбиқи талаботи фасли мазкур чӣ корҳоро бояд анҷом диҳед. Рӯйихати амалҳои заруриро тартиб диҳед. Мушкилоти пайдошударо бо дигарон муҳокима кунед.

Дар фасли **арзёбӣ** низом, восита ва методҳои баҳодиҳии салоҳиянокии хонандагон пешниҳод мешаванд. Фасли мазкур ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои арзёбии раванд ва натиҷаҳои таълим воситаи мувофиқ интихоб намояд. Дар ин фасл диққати асосӣ ба ду навъи арзёбӣ – арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ равона мегардад. Фарқ байни ин ду навъи арзёбӣ на дар воситаҳои баҳодиҳӣ, балки дар мақсади истифодаи натиҷаҳои арзёбӣ аён мегардад. Агар мақсади арзёбӣ муайян кардани мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо бошад, он гоҳ ин арзёбии ташаккулдиҳанда аст. Агар мақсади арзёбӣ баровардани хулосаи ниҳоӣ оид ба дастовардҳои таълимии хонандагон бошад, он гоҳ ин арзёбии ҷамъбастӣ аст. Омӯзгор маълумот ва тавсияҳои фасли мазкурро ҳангоми банақшагирии дарс ва интихоби воситаҳои арзёбӣ истифода бурда метавонад.

Тавсияҳои методиро оид ба арзёбиро аз стандартҳои фаннӣ мутолиа карда, гӯед, ки кадом воситаҳоро айни замон истифода мебаред ва кадом воситаҳо бароятон наванд. Масъалаҳои пайдошударо бо ҳамкасбонатон таҳлил кунед.

Дар фасли **роҳнамои омӯзгор** нақшаи муфассали ҳамаи дарсҳо мувофиқи бобҳои таълим ва мавзуъҳо бо назардошти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон оварда мешавад. Дар дарсҳои мазкур салоҳиятҳои стандартҳо, мавзӯи барнома ва маводи китоби дарсӣ алоқаманд карда шудаанд. Мақсади асосии таҳияи фасли мазкур пешниҳоди дарсҳои намунавӣ ва ба ин васила расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорон дар татбиқи стандартҳои нави фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мебошад. Бо вуҷуди таҳияи нақшаи муфассали дарсҳо Вазорати маориф ва илм фаъолияти омӯзгоронро маҳдуд карданӣ нест, балки имконияти бештарро ба омӯзгорон барои баланд бардоштани сифати таълим фароҳам меорад.

Дарсҳои тавсиявии роҳнамои омӯзгорро аз назар гузаронед ва онҳоро бо ҳамкасбонатон муҳокима кунед. Нақшаҳои дарс аз нақшаҳои маъмулӣ чӣ фарқ доранд? Оё қисмҳои дарс ба ҳамдигар алоқаманданд? Барои татбиқи дарсҳои мазкур аз Шумо чӣ талаб карда мешавад?

ДАР ХОТИР ДОШТА БОШЕД!

- Роҳнамои омӯзгор ивазкунандаи барномаи мавҷуда аст. Яъне фасли "Роҳнамои омӯзгор" – **барномаи таълими фан** мебошад.

- Пешниҳодҳо тавсиявӣ буда, шумо метавонед онро мувофиқи шароити мактаб ва қобилияти хонандагон тағйир диҳед. Аммо Шумо бояд ба салоҳият ва мақсадҳои таълимии дарс диққати махсус диҳед.
- Дар дафтари синфӣ танҳо номи мавзӯи дарс ё яке аз мавзӯчаҳои барнома навишта мешавад.

## 1.2. Сохтори нақшаҳои дарс

Ба мақсади расонидани ёрии методӣ оид ба татбиқи стандартҳои фанҳои синфҳои ибтидоӣ Вазорати маориф ва илм тасмим гирифт, ки ба омӯзгорон дарсҳои намунавиро таҳия ва пешниҳод намояд. Барои таҳияи дарсҳои намунавӣ мутахассисони касбӣ ҷалб шуда, дарсҳои навмунавӣ муддати як соли таҳсил дар 55 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар натиҷа дарсҳои намунавӣ барои ҳамаи фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ таҳия гардиданд. Нақшаҳои дарсҳо бо назардошти талаботи низоми таълими салоҳиятнокӣ тартиб дода шуданд.

Дарсҳои намунавӣ дар сохтори ягона таҳия шудаанд. Бо вуҷуди умумияти сохтор дарсҳо аз рӯйи мақсад фарқ мекунанд. Дар ҷадвали поён сохтори нақшаҳои дарс шарҳ дода мешавад.

| | |
|---|---|
| Номи параграф/мавзӯъ | Дар ин қисм аломати параграф, номи машғулият ва соати барои он муайяншуда навишта шудааст. Масалан, § 1. Китоб – дӯсти мо – 2 соат |
| Салоҳиятҳо | Дар ин ҷо салоҳиятҳое, ки дар раванди дарси мазкур аз ягон ҷиҳат ташаккул дода мешаванд, оварда мешаванд.<br>Масалан,<br>– Дар вазъиятҳои васеътар (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.<br>– Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯи аломати китобат ва хониши бурррои матн)-ро медонад ва риоя мекунад.<br>– *Қоидаҳои дигари навиштанро* тибқи нишондиҳандаҳо *риоя мекунад.* |
| Мақсадҳои таълим | Мақсадҳои таълим дар асоси салоҳиятҳо бо назардошти мавзӯи дарси мазкур таҳия карда мешаванд.<br>Масалан,<br>– доир ба чӣ тавр гузаронидани таътили тобистона нақл карда тавонад;<br>– ҷиҳози таълимиро номбар ва вазифаҳои онҳоро гуфта тавонад;<br>– калимаҳоро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ карда тавонад;<br>– имлои ҳафи и ва ӣ–ро донад ва дар нутқи хаттиву шифоҳӣ истифода бурда тавонад;<br>– сархат, аломатҳои китобатии матнро нишон дода тавонад;<br>– доир ба вазифаи ҷиҳози таълим ҷумла навишта тавонад. |
| Барнома | Дар ин ҷо маълумот оид ба мазмун ва мундариҷаи дарси |

| | |
|---|---|
| | мазкур оварда мешавад.<br>Масалан,<br>Инкишофи нутқи мураттаб. Нақл дар бораи таътили тобистона. Хондан ва таҳлили матн. |
| Равиши дарс | Дар ин ҷо тартиби таълими дарс нишон дода мешавад. Қадамҳои дарс батартиб навишта шуда, барои омӯзгор ҳамчун раҳнамо хизмат мекунанд. |
| Баҳодиҳӣ | Восита ва методҳои баҳодиҳии дониш, малака ва маҳорати хонандагонро оид ба натиҷаҳои дарсӣ мазкур пешниҳод мешаванд. |

Шарҳи пурраи қисмҳои нақшаҳои намунавии дарсҳо

1) **Номи параграф/мавзӯъ** асосан мувофиқи мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ мебошанд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо бо сабаби мувофиқ набудани мавзӯъ ба синну соли хонандагон мавзӯъҳо иваз карда шудаанд. Инчунин дар якчанд ҳолатҳо барои шавқовар гардондани мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ номҳои ҷолиб интихоб шудаанд. Дар баробари номи мавзӯъ миқдори соатҳои машғулият пешниҳод карда мешавад.
2) **Салоҳиятҳо** аз стандартҳои фаннӣ мувофиқи ҷадвали салоҳиятҳо оварда мешавад. Салоҳиятҳо такроран дар чандин дарсҳо то охири сол оварда мешаванд.
3) **Мақсадҳои таълим** барои як дарс таҳия шуда, дар худ хусусиятҳои салоҳият ва мундариҷаи таълимро фаро мегирад. Мақсадҳои таълим мушаххас, санҷидашаванда, иҷрошаванда ва мувофиқ мебошанд. Мақсадҳои таълим аз нигоҳи хонанда навишта мешаванд ва ба саволи "Хонанда чӣ кор карда метавонад?" ҷавоб мегардонад. Масалан, *Хонанда матнро мехонад ва симоҳои онро муайян карда метавонад.* Мақсадҳои таълим имконият медиҳанд, ки самтҳои асосии дарс (равиш, методҳо) муайян гарданд.
4) **Барнома** муайянкунандаи мазмун ва мундариҷа, инчунин фаъолиятҳои асосии дарс мебошад. Барнома имконият медиҳад, ки мундариҷаи асосӣ аз дуюмдараҷа ҷудо карда шавад.
5) **Равиши дарс** тавсияҳои методӣ оид ба тарзи гузарондани дарс. Дар он марҳалаҳои гуногуни дарс шарҳ дода мешавад. Методҳо ва фаъолиятҳои таълимӣ ба мақсади ташаккули салоҳиятҳо ва татбиқи мақсадҳои дарс тафсир дода мешаванд. Қадамҳои дарс ва фаъолиятҳои таълимии пешниҳодшаванда хусусияти тавсиявӣ дошта, омӯзгорон онро мувофиқи шароит ва қобилиятҳои хонандагон тағйир дода метавонанд. Мақсади асосӣ ноил гаштан ба мақсадҳои таълим мебошад, интихоб ва истифодаи усулҳо ба салоҳияти омӯзгор вобаста аст.
6) **Баҳодиҳӣ** асосан ҷамъбасти дарс буда, баъзан воситаҳои арзёбӣ (ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ) шарҳ дода мешаванд. Усул ва воситаҳои арзёбӣ вобаста ба салоҳиятҳо ва мақсадҳои таълимии дарс интихоб ва пешниҳод мегарданд. Ин қисми нақшаи дар низ хусусияти тавсиявӣ дорад ва омӯзгор вобаста ба шароит ва қобилияти хонандагон онро иваз карда метавонад.

Намунаи нақшаҳои дарсҳои фанҳои гуногуни синфҳои ибтидоиро (нигаред ба замима) аз назар гузаронда, онҳоро бо ҳамкасбонатон муҳокима кунед. Чиҳо тавсия мешаванд? Оё шумо усулҳои пешниҳодшударо дар амал татбиқ карда метавонед? Агар масъалае пайдо шавад ба кӣ муроҷиат мекунед? Ин дарсҳо аз дарсҳои муқаррарӣ чӣ фарқ доранд?

### 1.3. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанни "Забони модарӣ"

Маҷмӯи маводи таълимию методӣ аз фанни "Забони модарӣ" аз 1) Стандарти фанни "Забони модарӣ, 2) Роҳнамои омӯзгор ва 3) Замима ба китобҳои дарсӣ иборат аст. Ҳар яки онҳо мақсад ва вазифаҳои мушаххаси худро доранд, ки дар боло баррасӣ кардем. Дар ин қисми модули таълим диққати омӯзгоронро ба салоҳиятҳои фаннӣ, нишондиҳандаҳо, роҳнамои омӯзгор ва замимаи китоби дарсӣ равона месозем.

Салоҳиятҳои фанни "Забони модарӣ" мувофиқи самтҳои таълими фан – гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан пешниҳод карда мешаванд (Нигаред ба замима: Ҷадвали салоҳиятҳои фанни "Забони модарӣ"). Дар навбати худ ҳар як самт ба се категория ҷудо карда мешавад: 1) қоидаҳо, 2) стратегияҳо ва 3) дарки мазмун.

1) **Қоидаҳо** – қоидаҳои сухан гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан.
2) **Стратегияҳо –** стратегияҳои сухан гуфтан, гӯш кардан, хондан ва навиштан.
3) **Дарки мазмун** – мувофиқи мақсад сухан гуфтан, дарки мазмуни чизи шунида, дарки мазмуни матни хонда ва мувофиқи мақсад навиштан (яъне офаридани матн).

Барои пурра дарк кардани ин самтҳо дар фасли методикаи таълими салоҳиятноки стандартҳо маълумоти муфассал оварда мешавад. Инчунин дар асоси нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ омӯзгор талаботи салоҳиятҳоро пурра фаҳмида метавонад.

Ҷадвали салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳоро таҳлил намуда, онҳоро бо ҳамкасбонатон муҳокима намоед. Оё ҳамаи салоҳиятҳо ба шумо фаҳмоянд? Кадом салоҳиятро намефаҳмед? Барои фаҳмидани он чӣ бояд кард? Ҳар як салоҳиятро баррасӣ кунед.

**Роҳнамои омӯзгор**

Ҳамаи дарсҳои забони модарӣ, ки дар Роҳнамои мазкур оварда мешаванд, чунин гурӯҳбандӣ шудаанд:

1. **Дарсҳои ташаккули салоҳиятнокӣ** (омӯзиши маводи нав, мустаҳкамкунӣ, истифода ва арзёбии ташаккулдиҳанда). Ин дарсҳои муқаррарӣ буда, асоси таълими забони модариро ташкил медиҳанд. Фаъолиятҳои гӯш кардан, гуфтан, хондан, навиштан асоси ин дарсҳоро ташкил медиҳанд, ки ҳамгиро таълим дода мешаванд.

2. **Дарсҳои арзёбӣ.** Аз ин 12 соат барои арзёбии салоҳиятнокии хонандагон дар се давра (аввали соли таҳсил (4 соат), нимсолаи 1 (4 соат) ва дар ҷамъбасти соли таҳсил (4 соат); 8 соат барои арзёбии корҳои хаттии санҷишӣ (имлои санҷишӣ- 4 соат, нақли хаттии санҷишӣ (2 соат) иншо ё ҳикояи санҷишӣ- 2 соат дар давраҳои муайяни таҳсил. Ҳангоми дарҷи ин мавзӯъҳо нишон додани унвони матн барои арзёбии корҳои хаттӣ ҳатмист. Дар саҳифаи баҳогузорӣ низ барои ҳамаи хонандагоне, ки кори хаттиро иҷро кардаанд, баҳо гузоштан ҳатмӣ мебошад.

3. **Дарсҳои корҳои хатии таълимӣ (омӯзишӣ).** Вобаста ба душвории ташаккули малакаҳои матнофарӣ барои омӯзондани корҳои хаттӣ (нақли хаттӣ, иншо, ҳикоя) 24 соат ҷудо мешавад. Ин дарсҳоро аз дарсҳои арзёбии ҷамъбастӣ бояд фарқ кард. Дар ин дарсҳо танҳо тарзи матнофарӣ омӯзонда мешавад. Дар дафтари синф мавзӯи кори хаттӣ навиштан ҳатмӣ бошад ҳам, ба ҳама баҳо гузоштан шарт нест

4. **Дарсҳои хониши берунazсинфӣ (муҳокимаи китобҳои бадеии берун аз дарс хонда)** Дарсҳои мазкур ба муҳокимаи китобҳои бадеии берун аз дарсхона хондаи хонандагон бахшида мешавад. Низоми таълими салоҳиятнокӣ на танҳо дар доираи муассисаи таълимӣ таълим гирифтан, балки таълими берунazсинфии хонандагонро низ тақозо мекунад. Бо мақсади назорат ва арзёбии он ки мактабу омӯзгор то кадом андоза шавқу ҳаваси донишандӯзии хонандагонро ривоҷ додаанд, ин гуна дарсҳо ба роҳ монда мешаванд.

5. **Дарсҳои ҷамъбастӣ ва кор бо ғалатҳо.** Дарсҳои мазкур ба муайян кардани душвориҳои хонандагон ва ёрии амалии бештар расондан ба онҳо равона карда мешавад. Дар раванди таълим шумо бояд муайян кунед, ки кадом хонандаи шумо дар ин ё он масъалаи таълим душворӣ мекашад. Дар ин дарсҳо шумо душвориҳои хонандагонро гурӯҳбандӣ намуда, бо ёрии хонандагони пешсаф ба онҳо барои ноил шудан ба салоҳиятҳо ёрӣ мерасонед.

6. **Дарсҳои эҷодӣ (Кори лоиҳавӣ).** Дарсҳои мазкур ба мақсади ривоҷ додани эҷодкории хонандагон равона шуда, таълифи китобча, гирдоварии мавод доир ба ягон мавзӯи таълим ё мушоҳидаҳои ҳаётии хонандагонро дар бар мегирад.

Намунаи тавсияи Роҳнамои омӯзгор, замима ва китоби дарсиро аз назар гузаронда, онҳоро бо ҳам муқоиса намоед. Оё ҳамин навъи ёрии методӣ ба шумо маъқул аст ё не? Чаро? Бо ҳамкасбон муҳокима карда, мушкилотро бо ҳам баррасӣ кунед.

### 1.4. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанни “Математика”

Чуноне ки дар боло қайд шуд стандарт, роҳнамои омӯзгор ва замимаҳо дар сохтори ягона таҳия шудаанд. Ин омил имконият медиҳад, ки омӯзгорон ба осонӣ маводи барои фанҳои гуногун таҳияшударо дарк кунанд ва мавриди истифода қарор диҳанд.

Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ аз фанни “Математика” барои синфҳои 1–4 дар доираи самтҳои таълимии (1) донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ, (2) амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала, (3) шаклҳои геометрӣ, (4) бузургиҳо ва (5) коркарди маълумот пешниҳод мегарданд.

1) **Донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ** – мафҳумҳои рақам, адад, нумератсияи ададҳои бутуни мусбат ва амалҳо бо онҳо яке аз мавзуъҳои асосии курси ибтидоии математика мебошад. Ҳангоми омӯзиши нумератсия дар хонандагон донишҳои муайяне ташаккул дода мешавад, ки асоси онро амалҳои арифметикӣ ташкил медиҳад.
2) **Амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала** – яъне, чор амали арифметикиро омӯзанд, рамзҳо ва истилоҳҳоро азхуд кунанд; дар бораи хосиятҳои амалҳои арифметикӣ бо ададҳо, робитаи байни амалҳо тасаввурот ҳосил карда, машқҳои ба чанд амал мувофикро иҷро кунанд; малакаи ҳисоби шифоҳӣ пайдо карда, онҳоро ҳангоми ҳалли машқҳои шифоҳӣ истифода баранд, ки ба дониш оид ба хосияти амалҳо ва таркиби ададҳо вобастаанд; сохтани ифодаҳои ададиро барои масъалаҳои на он қадар мураккаб омӯзанд, ҳарфҳоро барои навишти ифодаҳои содда истифода баранд, ифодаҳои ҳарфии намуди $x + 2$, $x - 3$, $5 \cdot x$, $6 : x$ -ро бо истифодаи истилоҳи сумма, фарқ, ҳосили зарб ва тақсим хонда тавонанд; дар ҳалли масъалаҳои гуногуни матнӣ таҷриба ҳосил кунанд.
3) Шаклҳои геометрӣ – Мақсади асосии омӯзиши маводи геометрӣ дар синфҳои ибтидоӣ пеш аз ҳама, пайдо кардани тасаввуроти аввалини геометрӣ, инкишоф додани фикрронии мантиқӣ ва тасаввуроти фазоӣ дар хонандагон, ташаккул ёфтани маҳорати шинохтани шаклҳо (фигураҳо)-и геометрӣ ва қисматҳои он, ҷамъ овардани мавод аз қисмҳои пароканда, ҷудо кардани шаклҳои геометрӣ ба қисмҳои таркибӣ, дар нақша тасвир кардани шаклҳо (фигураҳо) мебошад.
4) Бузургиҳо – муҳимтарин мафҳуми математика мебошад, ки тасаввуроти фазоиро инкишоф медиҳад, малакаҳои амалиро мусалаҳ мегардонад, воситаи алоқамандӣ бо ҳаёт мебошад. Дар синфҳои ибтидоӣ чунин бузургиҳо омӯзонида мешавад: дарозӣ, масоҳат, масса, ғунҷоиш, вақт ва ғайраҳо.
5) Коркарди маълумот – «Коркарди маълумот» қисми ҷудонашавандаи ҳар як мавзӯи курси математикаи ибтидоӣ мебошад. Дар муносибат бо муҳокимаҳои мантиқии курс хонандагон дарки маълумотро меомӯзанд. Доир ба “Коркади

маълумот” бо роҳи гуногун (расмҳо, матн, тарҳ (тамсила, модел)-ҳои графикӣ ва рамзӣ, нақша, ҷадвал, диаграмма) тасавурот пайдо мекунанд. Дар раванди ҳалли масъалаҳо ва иҷрои супоришҳо хонандагон дарки мантиқии ифодаҳо, пайвандакҳои «ва», «ё», «агар», «он гоҳ», «дуруст/нодуруст, ки …». «ҳа кадом», «интиҳо», «баъзе» ва ғайраҳоро меомӯзанд.

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни “Математика”–ро (нигаред ба замима) таҳлил карда, муайян намоед, ки самтҳои таълим кадом салоҳиятҳоро фаро мегиранд. Салоҳиятҳоро якҷоя бо ҳамкасбатон муҳокима ва таҳлил намоед. Барои дарки мазмуни салоҳиятҳо нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ.

Дар Роҳнамои омӯзгор аз фанни “Математика” барои синфҳои 1–4 нақшаи ҳар як соати таълим ба таври муфассал пешкаш мегардад. Тақсимоти соатҳои таълим мувофиқи мазмун ва мундариҷаи таълими фан ба роҳ монда шуда, миқдори кофии фаъолиятҳои таълим пешниҳод мегарданд.

Ба мақсади таъмини рушди бонизоми салоҳиятҳо дар роҳнамои омӯзгор методу усулҳои гуногун ва супоришҳои таълимии дараҷаҳои мухталиф пешниҳод мегарданд. Бори дигар таъкид мекунем, ки нақшаҳои дарсии пешниҳодшуда тавсиявӣ буда, омӯзгор бо назардошти шароити мактаб ва қобилияти хонандагон тағйир иловаҳо ворид карда метавонад.

Барои ба таври самаранок истифода бурдани роҳнамои омӯзгор, амалҳои зеринро иҷро намоед:

- Нақшаи дарсҳоро бодиқат хонед;
- тавсияҳои методиеро, ки ба шароити шумо мувофиқат намекунад муайян намоед ва онро бо методи нави баробарвазн иваз намоед;
- талаботи усулҳои пешниҳодшударо таҳлил карда, барои дар амал татбиқ кардани онҳо маводи зарурирро омода намоед;
- маводи китоби дарсӣ, замимаро хонед ва тартиби истифодаи онҳоро дар раванди дарс аниқ созед;
- агар дар нақшаи дарс корҳои дунафара ва гурӯҳӣ талаб карда шавад, боварӣ ҳосил намоед, ки синфро барои ин корҳо омода менамоед.

Намунаи тавсияи Роҳнамои омӯзгор, замима ва китоби дарсиро аз назар гузаронда, онҳоро бо ҳам муқоиса намоед. Оё ҳамин навъи ёрии методӣ ба шумо маъқул аст ё не? Чаро? Бо ҳамкасбон муҳокима карда, мушкилотро бо ҳам баррасӣ кунед.

## 1.5. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанҳои “Санъат ва меҳнат” ва “Табиатшиносӣ”

### 1.5.1. Фанни “Санъат ва меҳнат”

Яке аз вазифаи асосии таълими фанни «Санъат ва меҳнат» ба меҳнат ва зебоиофарию зебопарастӣ омода кардани талабагон буда, аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводи кор, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни «Санъат ва меҳнат» хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр менамояд. Дар талабагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд. Барои таҳкиму ҳамбастагии меҳнати ҷисмонию фикрӣ шароит фароҳам меояд.

Вазифаи дигари фанни «Санъат ва меҳнат» ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани талабагон аст. Ҳангоми иҷрои масъалаҳо вобаста ба қобилияти эҷодӣ хонандагон қобилияти ҳунармандӣ ва рассомии худро ошкор месозанд, такмил медиҳанд, дар маҳфилҳои гуногун, аз қабили рассомӣ, моделсозӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, тарроҳӣ, бофандагӣ, кандакорӣ, суробсозӣ ва монанди инҳо ширкат меварзанд. Ҳамин тавр, мунтазам дар онҳо ба меҳнат муносибати самимонаю ҳаққонӣ ҳосил мешавад ва хислатҳои боинтизомӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаккули тафаккуру тахайюли эҷодӣ ва дигар хусусиятҳои шахсият ба низом оварда мешаванд.

Талаботи стандарти фанни “Санъат ва меҳнат” тавассути сатмҳои таълимии (1) иҷрои амалҳо, (2) эҷод ва (3) арзёбӣ пешниҳод мегардад. Бо назардошти сарбории фан дар Нақшаи таълими зинаи таҳсилоти ибтидоӣ барои ҳар самти таълимии боло як салоҳият муайян шудааст.

1) **Иҷрои амалҳо** – дар самти мазкур диққати асосӣ ба тасвир кардани шаклҳои гуногун, дуруст истифода бурдани асбобҳо (ҷадвал, қалам ва ғайра), омехта кардани рангҳо, тасвир кардани манзараҳо, бо усулҳои гуногун тасвир кардани расмҳо, кор бо коғаз ва дигар мавод, аз ҷумла матоъ, ришта ва ғайра, суробсозӣ, духтан, нақша кашидан ва амсоли он равона мегардад.
2) **Эҷод** – дар ин самт аз хонандагон талаб карда мешавад, ки ба олами атроф (ашёҳо, табиат, манзараҳо) нигоҳи эҷодӣ дошта бошанд, ҳиссиёти худро бо баъзе воситаҳои санъат иброз намоянд ва дар доираи мавзуъҳои тахаюлӣ ғоя (идея)-ҳои нав эҷод намояд ва онро шарҳ диҳанд.
3) **Арзёбӣ** – дар ин самти таълим аз хонандагон талаб карда мешавад, ки намунаҳои эҷодиёти мушаххас ва тахаюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса кунанд, ба натиҷаи кори худ ва дигарон баҳо диҳанд, намудҳои гуногуни меҳнатро донад ва онро қадр кунанд, моҳият ва таъсири баъзе намудҳои сантъатро дарк карда, муносибати худро нисбати онҳо шарҳ диҳанд.

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни “Санъат ва меҳнат”–ро (нигаред ба замима) таҳлил карда, муайян намоед, ки самтҳои таълим кадом салоҳиятҳоро фаро мегиранд. Салоҳиятҳоро якҷоя бо ҳамкасбатон муҳокима ва таҳлил намоед. Барои дарки мазмуни салоҳиятҳо нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ.

**Роҳнамои омӯзгор** ва **замима ба китобҳои дарсӣ** дар асоси китобҳои мавҷуда таҳия гардида, нақшаи ҳамаи дарсҳо мувофиқи нақшаи таълим муфассал таҳия шудаанд (Нигаред ба замима).

Намунаи тавсияи Роҳнамои омӯзгор, замима ва китоби дарсиро аз назар гузаронда, онҳоро бо ҳам муқоиса намоед. Оё ҳамин навъи ёрии методӣ ба шумо маъқул аст ё не? Чаро? Бо ҳамкасбон муҳокима карда, мушкилотро бо ҳам баррасӣ кунед.

Барои ба таври самаранок истифода бурдани роҳнамои омӯзгор, амалҳои зеринро иҷро намоед:

Нақшаи дарсҳоро бодиққат хонед;

- Боварӣ ҳосил намоед, ки таҷҳизот ва дигар маводи заруриро омода карда метавонед;
- тавсияҳои методиеро, ки ба шароити шумо мувофиқат намекунад муайян намоед ва онро бо методи нави баробарвазн иваз намоед;
- талаботи усулҳои пешниҳодшударо таҳлил карда, барои дар амал татбиқ кардани онҳо маводи заруриро омода намоед;
- маводи китоби дарсӣ ва замимаро хонед ва тартиби истифодаи онҳоро дар раванди дарс аниқ созед;
- қоидаҳои бехатарии кор бо таҷҳизот ва маводро аниқ созед ва боварӣ ҳосил намоед, ки онҳоро ба хонандагон мефаҳмонед.

### 1.5.2. Фанни “Табиатшиносӣ”

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ таҳкурсии устувори минбаъдаи омӯзиш буда, заминаи муҳимми ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол ба шумор меравад.

Хонандагон дар ин давра на танҳо хондан, навиштан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, балки бо ҳодисаю воқеаҳои табиӣ шинос шуда, роҳҳои беҳдошти муҳити зистро аз худ мекунанд.

Мувофиқи талаботи нав хонандагони синфҳои ибтидоӣ шиносоиро бо ҷузъиёти табиат ва олами атрофи худ аз синфи якум оғоз мекунанд ва то синфи чорум онро сайқал медиҳанд.

Омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» тавассути маводи таълиму тарбиявӣ бояд ба:

- дарки табиат, ҳодисаҳои табиӣ ва муҳити атроф, ягонагии муносибати одаму олам, муассирии он, эҳсоси ҷудонопазирии якдигар, дарки воқеият;
- идроки муносибати эҳтиёткорона бо табиат ва боигариҳои он;
- фароҳам овардани имкониятҳо бахри инкишофи шавқу ҳаваси маърифатӣ;
- ташаккули шахсият ва тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ тавассути шиносоӣ бо арзишҳои миллию умумибашарӣ мусоидат намояд.

Дар омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» хонандагон фаъолиятҳои гуногуни таълимиро иҷро менамоянд, ки онҳо бобати амалигардии мақсад ва вазифаҳои фан мусоидат хоҳанд кард. Зимни таълими фанни мазкур хонандагон бо донишҳои зерин мусаллаҳ мегарданд: олами атрофро дарк менамоянд, зиндагиро дӯст медоранд, сарватҳои табиатро ҳифз мекунанд, ба қадри неъматҳои моддӣ мерасанд.

Талаботи стандартҳои фаннӣ "Табиатшиносӣ" тавассути муайян намудани салоҳиятҳо дар самтҳои (1) инсон ва табиат, (2) инсон ва ҷамъият, ва (3) қоидаҳои бехатарии ҳаёт пешниҳод мегардад.

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни "Табиатшиносӣ"–ро (нигаред ба замима) таҳлил карда, муайян намоед, ки самтҳои таълим кадом салоҳиятҳоро фаро мегиранд. Салоҳиятҳоро якҷоя бо ҳамкасбатон муҳокима ва таҳлил намоед. Барои дарки мазмуни салоҳиятҳо нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ.

**Роҳнамои омӯзгор** ва **замима ба китобҳои дарсӣ** барои фанни "Табиатшиносӣ" дар асоси китобҳои мавҷуда таҳия гардида, нақшаи ҳамаи дарсҳо мувофиқи нақшаи таълим муфассал таҳия шудаанд (Нигаред ба замима).

Намунаи тавсияи Роҳнамои омӯзгор, замима ва китоби дарсиро аз назар гузаронда, онҳоро бо ҳам муқоиса намоед. Оё ҳамин навъи ёрии методӣ ба шумо маъқул аст ё не? Чаро? Бо ҳамкасбон муҳокима карда, мушкилотро бо ҳам баррасӣ кунед.

## 1.6. Кор бо стандарт, китоби дарсӣ ва замимаҳои фанҳои "Суруд ва мусиқӣ" ва "Тарбияи ҷисмонӣ"

### 1.6.1. Фанни "Суруд ва мусиқӣ"

Фанни «Суруд ва мусиқӣ» барои ба даст овардани таҷриба ва арзишҳои ҳиссиётии хонандагони хурдсол ба санъат, таҷрибаи фаъолияти мусиқию эҷодии онҳо, аз худ намудани донишҳои ибтидоии мусиқӣ, пайдо намудани малака ва маҳоратҳо равона карда шудааст.

Шиносоӣ бо фаъолиятҳои иҷрокунандагӣ ва шунавоӣ, бо намунаҳои эҷодиёти халқ, асарҳои мусиқӣ, осори классикон, маданияти муосир ва маслиҳатҳои мақсадноки педагогӣ оид ба намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ ба хонандагон

барои ворид шудан ба олами мусиқӣ ёрӣ расонида, муоширату маданияти мусиқиро ташаккул медиҳад. Намудҳои гуногуни фаъолиятҳои иҷрои мусиқӣ (ҳамсароӣ, сурудан ва ғайра), таҷрибаи импровизатсия (эҷодкорӣ, муносибати эҷодкорона ба ягон асар) ва эҷоди мусиқӣ ба ошкор намудан ва сайқал додани қобилияти эҷодии хонандагон замина фароҳам меорад.

Мақсади асосии таълими фанни «Суруд ва мусиқӣ» дар синфҳои ибтидоӣ рушду нумӯи идроки мусиқӣ, инкишофи хотир, тасаввур, тафаккуру тахайюли бадеӣ, такомули қобилияти эҷодӣ ва зебопарастӣ, парваридани шавқу ҳавас ва муҳаббат ба суруду мусиқӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳусни таваҷҷӯҳ, ҳисси коллективизм, меҳнатдӯстӣ ва дигар хусусиятҳои ҳиссиёту хислатҳои шахсияти хонандагон ба шумор меравад.

Дар таълими зинаи ибтидоии таҳсил инкишофи инъикоси муассири мусиқӣ, дарки нақшҳо (образҳо) дар намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқӣ, пеш аз ҳама дар иҷро, мавқеи асосӣ дорад.

Талаботи стандартҳои фаннӣ "Суруд ва мусиқӣ" тавассути муқаррар намудани салоҳиятҳо дар самтҳои таълимии (1) сурудан/ иҷро кардан, (2) шунидани мусиқӣ, (3) маърифати мусиқӣ ва (4) эҷоди мусиқӣ пешниҳод мегардад.

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни "Суруд ва мусиқӣ"–ро (нигаред ба замима) таҳлил карда, муайян намоед, ки самтҳои таълим кадом салоҳиятҳоро фаро мегиранд. Салоҳиятҳоро якҷоя бо ҳамкасбатон муҳокима ва таҳлил намоед. Барои дарки мазмуни салоҳиятҳо нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ.

**Роҳнамои омӯзгор** ва **замима ба китобҳои дарсӣ** барои фанни "Суруд ва мусиқӣ" дар асоси китобҳои мавҷуда таҳия гардида, нақшаи ҳамаи дарсҳо мувофиқи нақшаи таълим муфассал таҳия шудаанд (Нигаред ба замима).

Намунаи тавсияи Роҳнамои омӯзгор, замима ва китоби дарсиро аз назар гузаронда, онҳоро бо ҳам муқоиса намоед. Оё ҳамин навъи ёрии методӣ ба шумо маъқул аст ё не? Чаро? Бо ҳамкасбон муҳокима карда, проблемаҳо ва мушкилотро бо ҳам баррасӣ кунед.

Барои тарзи истифодаи роҳнамо ва замимаи китобҳои дарсӣ нигаред тавсияҳои фаслҳои боло.

### 1.6.2. Фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"

Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни тарбияи ҷисмонӣ дар синфҳои ибтидоӣ пеш аз ҳама, ин шиносоии хонандагон бо олами варзиш ва робитаи он бо тарзи ҳаёти солим, истифодаи дурусти ҳавои тоза, об ва офтоб бахри солимии рӯҳу ҷисми инсон

мебошад. Маҳз ташаккули савияи дарки солимӣ хонандагон, ки ба тарбияи рӯҳию маънавии шахсият тавассути варзиш мусоидат менамояд, ба воситаи таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ дар синфҳои ибтидоӣ мустаҳкам мегардад.

Таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар зеҳни хонандагон қобилияти эҷодкорӣ, дарки зебоӣ, ватандӯстӣ, меҳнатқариниро бедор месозад ва барои дар оянда дуруст дарк кардани моҳияти рушди ҷомеа ва ташаккули тафаккури онҳо замина фароҳам меоварад. Машқҳои ҷисмонӣ чолокӣ, ҷасурӣ, қавииродагӣ, худидоранамоӣ, риояи қоидаҳои бехатарӣ ва тарзи ҳаёти солимро ба хонандагон талқин намуда, ҳавасмандии онҳоро ба илмомӯзию меҳнат зиёд месозад.

Меъёрҳое, ки дар «Стандарти давлатии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Стандарти мазкур таъкид гардидаанд, дар ҷараёни дарс ва раванди таълим ба хонандагон моҳият ва аҳамияти тарбияи баданро дуруст шарҳ дода, ҷараёни машғулиятҳоро аз рӯи меъёрҳои муайяншуда ба роҳ мондан ҳатмӣ мебошад.

Пайваста ба варзиш машғул шудан мувофиқи меъёрҳои муайяншудаи синусолии хонандагон саломатии онҳо устувор гардида, ташаккули мунтазами ҷисм ва ҳаёти солим равнақ меёбад.

Иҷрои ин талаботҳо пеш аз ҳама аз дараҷаи хуби касбӣ доштани омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ва муҷаҳҳаз будани заминаи таълимии фан дар муассисаи таълимӣ бо асбобҳои муосири варзишӣ ва таҷҳизоту технологияи муосири омӯзиш вобастагии зиёд дорад. Мавҷуд будани назорати мунтазами тиббию педагогӣ ва меъёрҳои варзишӣ вобаста ба сину соли хонанда аз тарафи мутахассисони соҳавӣ муҳимтарин воситаи рушди динамикаи ҷисмонии хонандагон ба ҳисоб рафта, онҳоро пайваста ба машқҳои ҷисмонӣ ҳавасманд мегардонад.

Талаботи стандартҳои фаннӣ "Тарбияи ҷисмонӣ" тавассути муқарар намудани салоҳиятҳо дар самтҳои таълимии (1) асосҳои дониш, (2) ҳаракат, (3) обутоби бадан, (4) бехатарӣ ва (5) арзишҳо пешниҳод мегардад.

Ҷадвали салоҳиятҳои фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"–ро (нигаред ба замима) таҳлил карда, муайян намоед, ки самтҳои таълим кадом салоҳиятҳоро фаро мегиранд. Салоҳиятҳоро якҷоя бо ҳамкасбатон муҳокима ва таҳлил намоед. Барои дарки мазмуни салоҳиятҳо нигаред ба нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ.

**Роҳнамои омӯзгор** барои фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" нақшаи ҳамаи дарсҳоро мувофиқи нақшаи таълим пешниҳод мекунад (Нигаред ба замима).

Намунаи тавсияи Роҳнамои омӯзгор, замима ва китоби дарсиро аз назар гузаронда, онҳоро бо ҳам муқоиса намоед. Оё ҳамин навъи ёрии методӣ ба шумо маъқул аст ё не? Чаро? Бо ҳамкасбон муҳокима карда, мушкилотро бо ҳам баррасӣ кунед.

Барои тарзи истифодаи роҳнамо ва замимаи китобҳои дарсӣ нигаред тавсияҳои фаслҳои боло.

## II. Баъзе масъалаҳои ташкили раванди таълим мувофиқи стандартҳои нав

### 2.1. Вазифаи хонагӣ

Қоидаҳои умумии вазифаи хонагӣ

Вазифаи хонагӣ яке аз шаклҳои кори мустақилонаи хонандагон буда, дар хонандагон фаъолиятҳои таълимиро инкишоф медиҳад, малакаи мустақилона ҷустуҷӯ кардану дарёфтан ва ҳисси масъулиятнокии онҳоро ташакккул медиҳад. Доир ба вазифаи хонагӣ дар байни олимони соҳа андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Баъзеҳо супоридани вазифаи хонагиро шарт, баъзеи дигар сарфи беҳудаи вақт медонанд. Устод Лутфуллоев доир ба вазифаи хонагӣ менависад: «Кори хонагӣ ба маънои фаҳмишу тарзи имрӯзааш зарурате надорад. Вале ин чунин маъно надорад, ки мо аҳамият ва зарурати вазифаи хонагиро таъкид накунем. Кори хонагӣ зарур ва аҳамияташ беандоза аст. Мазмун ва методикаи супурдани кори хонагиро дар робита бо тақозои замон ба куллӣ бояд тағйир дод. Кори хонагӣ ба мақсади маърифатҷӯӣ, ҷустуҷӯ, кунҷкобӣ, инкишофи қобилияту фаъолияти эҷодии хонандагон нигаронида шуда, ба дониш, пешрафт ва қобилияти фардии талабаҳо мусоидат кунад.»[i]

Вазифаи хонагӣ дар таълими салоҳиятнокӣ:

- вазифаи хонагӣ бояд шакли маҷбурӣ надошта бошад;
- ҳангоми вазифа супоридан бояд ҳатман дараҷаи зеҳн ва минтақаҳои актуалию наздиктарини инкишофи хонандагон ба эътибор гирифта шавад ( ин чунин маъно дорад, ки ба ҳамаи хонандагон вазифаи ягона супорида намешавад);
- мақсади маърифатҷӯӣ, ҷустуҷӯ, кунҷкобӣ, инкишофи қобилияту фаъолияти эҷодии хонандагон нигаронида шуда бошад.

### 2.1. Нақшаи маҷлиси падару модарон оид ба низоми таълими нав

**Қоидаҳои умумӣ**

Маҷлиси падару модарон яке аз шаклҳои пурмаҳсули робитаи **мактаб бо оила** маҳсуб меёбад. Аксари падару модарон аз он шикоят доранд, ки дар маҷлисҳои мактаб омӯзгорон ва роҳбарони синфҳо фақат масъалаҳои ташкилӣ, молиявию моддиро баррасӣ менамоянд ё хонандагонро мавриди танқид қарор дода, падару модаронро дар вазъи ногувор мемонанд.

Дуруст омода ва баргузор намудани маҷлиси падару модарон ин мушкилотро аз байн мебарад.

*Маҷлиси **падару модарони хонандагони синфи ибтидоӣ ҳангоми** зарурати баррасии мушкилот ва масъалаҳое, ки танҳо ба хонандагони синфи мазкур дахл дорад, гузаронида мешавад.*

*Маҷлисҳои синфии **падару модарон*** **одатан дар охири чоряк ва нимсола ташкил карда мешаванд.** Дар онҳо кори таълиму тарбия баррасӣ гардида, дастовардҳои таҳсилоти хонанда арзёбӣ мегардад, восита ва усули ҳамкории самарабахши оила ва мактаб муайян карда мешаванд ва ғ.

***Кумитаи падару модарон***, – такягоҳи муҳимми роҳбари синф мебошад. Барои ҳалли аксари масъалаҳо ба омӯзгор маҳз аъзои кумитаи падару модарон ёрӣ мерасонанд. Дар маҷлис пас аз баррасии масъалаҳои ташкилӣ ҳамзамон муайян

намудани сатҳ ва шакли иштироки падару модарон дар ҳалли масъалаҳои мазкур зарур аст.

1. ***Омодагӣ ба маҷлиси падару модарон***

1. Муайян намудани мавзӯи маҷлиси падару модарон. Мавзӯъҳои зарурӣ аксар вақт аз тарафи маъмурият таъкид гардида, аз ҷониби омӯзгорон (роҳбари синф, ё омӯзгорони фаннӣ) муайян карда шуда, ба таваҷҷуҳи падару модарон пешниҳод карда мешаванд. Дар хусуси он ки ба кадом масъалаҳо ва проблемаҳо онҳо таваҷҷуҳ доранд, бо падару модарони кӯдакон маслиҳат намудан хеле муҳим аст.

2. Муайянсозии шакли гузаронидани маҷлиси падару модарон. Маҷлисҳо метавонанд дар шакли лексия, мубоҳиса, кор бо гурӯҳҳо (барои баррасии масъалаҳои муҳимтарини фаъолият ва ғ.) гузаронида шаванд. Бештар маҷлисҳои падару модарон ба шакли анъанавӣ сурат мегирад, яъне роҳбари синф баромад мекунад ва баъд ба саволҳои падару модарон ҷавоб медиҳад.

***3. Мавзӯю мундариҷаро барои маҷлиси падару модарон*** **аз китобҳои психологию педагогӣ, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, муошират бо омӯзгорони фаннӣ, фарзандон, падару модарон ва маъмурияти мактаб гирифтан мумкин аст.**

Ба шумо зарур аст, ки қаблан бо намояндагони ҷомеа, равоншинос, кормандони тиб, ки метавонанд дар баргузории маҷлис иштирок намоянд, мувофиқа намоед. Агар барои омодасозии маҷлис падару модаронро ҷалб карда тавонем, кори хеле хуб аст. Агар дар нақша баромади падару модарон зикр шуда бошад, пас ақаллан тезисҳои умумӣ ва самти баромадро мувофиқа намудан зарур аст.

4. Воситаҳо. Пас аз муайян намудани мавзӯъ, шакли баргузорӣ ва мӯҳтавои маҷлис, воситаҳои тасвирдор, ҳуҷҷатҳоро таҳия намудан лозим аст.

***5. Вақт ва ҷойи баргузории маҷлис*** **бояд қаблан ба падару модарон** ***иттилоъ дода шуда, он дар рӯзномаи хонандагон дарҷ карда шавад, лекин ба онҳо занг зада хотиррасон кардан хеле муҳим аст. Беҳтар аст,*** **агар** падару модарон дар рӯзномаҳо имзо гузоранд, ки бо эълони баргузории маҷлис шинос ҳастанд. Огоҳии қаблӣ ба падару модарон имкон медиҳад, ки нақшаҳои худро аниқ сохта, барои иштирок дар маҷлис фурсат пайдо намоянд. Инчунин омодасозии бино барои баргузории маҷлис, тоза кардани ҳаво ва таъмини ҷойҳо барои тамоми иштирокчиён муҳиманд.

**2. Гузаронидани маҷлиси падару модарон**

1. Рӯз ва соати нисбатан муносибро интихоб намоед. Кӯшиш кунед, ки дар ин вақт падару модарон ягон корҳои муҳим, тамошои барномаҳои ҷолиби телевизионӣ ва ғайраро ба нақша нагиранд.
2. Мавзӯи маҷлиси синфиро аниқ сохта, бо онҳо муҳокима намоед.
3. Барои дар синф ҷо ба ҷо кардани падару модарон диққат диҳед. Масалан, барои он ки иштирокчиёни маҷлис ҳамдигарро хуб бинанд ва шунаванд, мизҳо ва курсиҳоро дар шакли давра гузоштан мумкин аст.
4. Вақте ки ному насаби шахс пурра гирифта мешавад, барояш хушоянд аст. Дар назди худ рӯйхати падару модаронро гузоред ва ба онҳо, асосан, бо гирифтани ному насаб муроҷиат намоед.

5. Барои иштирокчиёни маҷлис қоидаҳои тиллоиро фикр карда бароед. Масалан, ҳангоми баррасии мушкилот хомўш нишастан мумкин нест ва ғ.
6. Вақти одамонеро, ки ба маҷлис даъват кардаед, сарфа намоед. Ба ин мақсад тартибот (регламент)-ро муқаррар ва онро қатъӣ риоя намоед. Барои баргузории маҷлиси падару модарон 1 соат кофист.
7. Дар оғози маҷлис иштирокчиёнро бо рўзнома шинос кунед.
8. «Қоидаи тиллоӣ»-и таҳлили педагогиро дар хотир нигаҳ доред: аз ахбори нек оғоз намоед.
9. <u>Танҳо дар сухбати шахсӣ бо падару модарон муваффақиятҳо ва имкониятҳои мавҷудаи фарзандони онҳоро арзёбӣ кунед.</u>
10. Падару модарро огоҳ намоед, ки фарзандон набояд аз ҳама маълумот бохабар бошанд.
11. Ба падару модарон душвориҳои таҳсили фарзандашонро фаҳмонед.
12. Хонандагонро манфӣ арзёбӣ накунед.
13. Комёбиҳои хонандагони гуногунро барои муқоиса наоред.
14. Аҳамияти баъзе фанҳоро баландтар нашуморед.
15. Кўшиш намоед, ки дар маҷлисҳо қарорҳои мушаххас қабул карда шаванд.
16. Ба ҳамаи онҳое, ки фурсат ёфта омаданд, изҳори миннатдорӣ намоед.

## 3. Қоидаи рафтори омўзгор дар маҷлиси падару модарон

1. Омўзгор бояд ҳам аз ҷиҳати психологӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ба вохўрии падару модарон омода бошад.
2. Бо сухан, оҳанги гуфтор, ишора ва дигар воситаҳои ғайринутқӣ эҳтиром ва таваҷҷуҳи худро ба падару модарон нишон диҳед.
3. Кўшиш намоед, ки падару модаронро фаҳмед, мушкилотеро, ки боиси ташвиши онҳост,муайян созед. Онҳоро бовар кунонед, ки мактаб ва оила ҳамаи мушкилоти фарзандонро ҳаллу фасл менамоянд.
4. Бо падару модарон оромона ва хайрхоҳона сўҳбат намоед. Муҳим аст, ки падару модарони ҳамаи хонандагон, новобаста ба гуногун будани шароиташон аз маҷлис бо эҳсоси боварӣ ба фарзанди худ раванд.
5. Падару модарон ба дастгирии Шумо дар таълиму тарбияи фарзандонашон бояд боварӣ ҳосил кунанд.

## 4. Баррасии масъалаи «Тартиби иҷрои вазифаи хонагӣ дар таълими салоҳиятнокӣ» дар маҷлиси падару модарон

Ба падару модарон дар бораи ислоҳоти ҳама соҳаҳои ҳаёт сухан ронда, дар бораи ислоҳоти соҳаи маориф (бахусус, тағйир ёфтани низоми таълим) мушаххас маълумот диҳед. Моҳият ва зарурати гузариш ба низоми навро бо мисолҳои ҳаётӣ фаҳмонед. Мақсад ва шартҳои вазифаи хонагиро фаҳмонед (нигаред ба банди «Вазифаи хонагӣ»). Роҳҳои ҳамкории мактабу оиларо дар самти вазифаи хонагӣ муҳокима намоед.

**Замимаҳо**

**Ҷадвали салоҳиятҳо аз фанни “Забони модарӣ” барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ**

| Синфи 1 (Марҳилаи таълими савод) | Синфи 1 (Марҳилаи «Забони модарӣ») | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|---|
| **Гӯш кардан (шунидан)** | | | | |
| А. 1.1.1. Қоидаҳои одитарини гӯш карданро дар доираи маҳдуди вазъиятҳо (муошират бо омӯзгор, ҳамсинфон, супоришҳои як-дуамалаи таълимӣ) риоя мекунад. | 1.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи васеи вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои ду-сеамалаи таълимӣ,) риоя мекунад. | 2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи васеътари вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои сеамалаи таълимӣ чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад. | 3.1.1. Қоидаҳои умумии гӯш карданро дар доираи вазъиятҳои гуногун (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ, маҷлис...) риоя намуда, аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро баён мекунад. | 4.1.1.Қоидаҳои мушаххаси гӯш карданро дар вазъиятҳои гуногун (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои таълимӣ чорабиниҳои мактабӣ, ҷамъиятӣ, маҷлисҳо, муҳокимаҳо...) риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд. |
| А. 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои хеле содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо) ва хаттӣ истифода мебарад. | 1.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои содаи нутқи шифоҳӣ (суҳбат, иҷрои супоришҳо, бозӣ дар нақшҳо) ва хаттӣ истифода мебарад. | 2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад. | 3.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккабтари нутқи шифоҳӣ ( саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал, мухтасар ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида, нақли хаттӣ, навиштани хулоса) истифода мебарад. | 4.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ ( саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал, мухтасар ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида, нақли хаттӣ, навиштани хулоса) истифода мебарад. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| А. 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад. | 1.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад. | 2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад. | 3.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, хулоса мебарорад. | 4.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)- ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян карда, муносибати худро баён менамояд. |
| **Гуфтан** | | | | |
| А.1.2.1. Дар вазъиятҳои маҳдуд (муошират бо омӯзгор, ҳамсинфон) қоидаҳои одитарини сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. | 1.2.1. Дар вазъиятҳои муайян (муошират бо аҳли оила, калонсолон, ҳамсолон,) қоидаҳои одии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. | 2.2.1. Дар вазъиятҳои васеътар (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад. | 3.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун (маҳфилҳои адабӣ, мағоза ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ) қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро дарк мекунад. | 4.2.1. Дар вазъиятҳои гуногун (театр, осорхона, китобхона, осорхона) қоидаҳои маъмули сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад ва аҳамияти риоя кардани ин қоидаҳоро шарҳ дода, дигаронро ба риояи онҳо даъват мекунад.; |
| А.1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | 1.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | 2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | 3.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад. | 4.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ самаранок истифода мебарад. |
| А.1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои одиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад. | 1.2.3. Фикру мулоҳизаҳои асосиро аз рӯйи мақсадҳо дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад. | 2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, | 3.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, | 4.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии нисбатан калонтар (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад. | дарозии ҷумлаҳо) калонтарро истифода мебарад. | истифода мебарад. |
| Хондан | | | | |
| А.1.3.1. Қоидаҳои одитарини хонданро медонад ва риоя мекунад. | 1.3.1. Қоидаҳои одии хондан ва риояи оҳангро медонад ва риоя мекунад. | 2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯи аломати китобат ва хониши буррои матн)-ро медонад ва риоя мекунад. | 3.3.1. Қоидаҳои хондан (риояи задаи мантиқӣ, пайдарпайии калимаҳо)-ро медонад ва риоя мекунад. | 4.3.1. Қоидаҳои гуногуни хондан (алоқаи байни ҷумлаҳо ва сархатҳо)-ро медонад ва риоя мекунад. |
| А.1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои шиноси ҳаҷман хурдро мехонад. | 1.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки баъзе калимаҳои ношинос доранд, мехонад. | 2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад. | 3.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад. | 4.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои калонҳаҷми ношиносро мехонад. |
| А.1.3.3. Мазмуни ҷумлаҳои содаро, ки калимаҳои шинос доранд, муайян мекунанд. | 1.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии хурд (то 100 калима) -ро, ки (1-2) калимаи нав доранд, муайян мекунад. | 2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии он қадар калон (то 200 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад. | 3.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси миёнаҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад. | 4.3.3. Мазмуни матнҳои гуногуни ношиноси нисбатан калонҳаҷм (то 400 клима), ки 7-8 калимаи нав доранд, дарк карда, мавзӯъ ва фикри асосии онро муайян мекунад. |
| **Навиштан** | | | | |
| А.1.4.1. Қоидаҳои одитарини навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 1.4.1. Қоидаҳои одии навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 3.4.1. Қоидаҳои бештари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. | 4.4.1.Қоидаҳои гуногуни навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад. |
| А.1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро | 1.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матн- | 2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро | 3.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, | 4.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| истифода мебарад. | ҳои хурдро менависад. | менависад. | матнҳои ҳаҷман калон менависад. | матнҳои ҳаҷман калонтар менависад. |
| А. 1.4.3. Фикр(ақида, андеша)-и худро дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ менависад. | 1.4.3. Фикр (ақида, андеша)-и худро дар қолаби матни хурд) менависад. (на камтар аз се ҷумлаи сода)с | 2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад. | 3.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хатии нисбатан калонтари сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад. | 4.4.3. Барои баёни мақсадҳои гуногун мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хатии ҳаҷман калонтар~~и~~ сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) эҷод мекунад. |

**Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Забони модарӣ” барои синфи 2–юм**

Гӯш кардан (шунидан)

2.1.1. Қоидаҳои одии гӯш карданро дар доираи васеътари вазъиятҳо (муошират бо аҳли оила, калонсолон, супоришҳои сеамалаи таълимӣ чорабиниҳои мактабию ҷамъиятӣ) риоя мекунад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– суханони гӯянда (ҳамсинфон, омӯзгор, калонсолон, хониши намунавӣ ё сабти овозӣ, нақшофарӣ, нақли воқеаҳои дидаю шунида )-ро бодиққат гӯш мекунад;
– ҳангоми суҳбат ба гӯянда нигоҳ мекунад;
– фикрҳое, ки ба гӯш кардан халал мерасонад, ба як сӯ гузоштан;
– ба садоҳои атроф, гуфтугӯйи дигарон аҳамият намедиҳад;
– ҳар сари вақт сар меҷунбонад;
– қоматро рост ва кушода нигоҳ медорад.

2.1.2. Ахбори шунидаро дар шаклҳои каме мураккаби нутқи шифоҳӣ (саволу ҷавоб, муҳокимаҳои умумӣ, нақли муфассал ва интихобӣ) ва хаттӣ (имло, навиштани пайдарпайии воқеаҳои шунида) истифода мебарад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– луғати бештари дар нутқ шунидаро ҳангоми гуфтор истифода мебарад;
– ба маънои саволҳои таҳлилӣ сарфаҳм рафта, ҷавоби мувофиқ медиҳад;
– матнҳои хеле хурди шунидаашро менависад;
– калимаҳои имлояшон мураккабе, ки тарзи навишт аз талаффуз фарқ дорад, дуруст менависад;
– дар вазъиятҳои шинос табъи гӯяндаро муайян карда, оҳанги мувофиқи гуфторро истифода мебарад.

2.1.3. Мазмун ва мақсади асосии сухани гӯянда (гон)-ро, ки ба синну сол мувофиқ аст муайян мекунад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– дастурҳои шифоҳии сеамаларо иҷро мекунад;
– ба саволҳоиодӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ ҷавоб дода метавонад;
– мазмуни ахбор (суханони ҳамсуҳбат, матни хондашуда, сабти овозӣ, барномаҳои телевизиону радио, муҳокима)-и шунидаро муайян кунад;
– мавзӯъ ва фикри асосии суханони гӯянда(гон)-ро муайян месозад;
– суханони шунидаро мазмунан нақл карда метавонад.

**Гуфтан**

2.2.1. Дар вазъиятҳои васеътар (дар меҳмонӣ, бозор, марказҳои фарҳангию дилхушӣ) қоидаҳои асосии сухангӯйӣ (одоби муошират)-ро риоя мекунад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– ҳангоми гуфтор калимаҳоро тибқи қоидаҳои забони адабии тоҷикӣ баён мекунад;
– фикру андешаҳои худро дар қолаби ҷумлаҳои дуруст баён мекунад;
– дар вазъиятҳои шинос ва ношинос одоби мошират (салому хайрухуш, хоҳишу

| |
|---|
| дархост, тарзи узр пурсидан ва изҳори миннатдорӣ)-ро риоя карда метавонад;<br>– дар суҳбатҳо бонавбат сухан мегӯяд;<br>– ҳангоми муоширати дар синф, мактаб ва берун аз он дигаронро эҳтиром мекунад;<br>– наҳаросида, бо боварӣ сухан мегӯяд. |
| 2.2.2. Стратегияҳо (тарз, роҳу усул)-и мувофиқи гуфтанро вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ истифода мебарад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми суханро муайян мекунад;<br>– барои таъсирбахшии нутқ имову ишора ва қиёфасозиро истифода мебарад;<br>– дар вазъиятҳои гуногун суръат, пастиву баландӣ ва оҳанги овозро идора карда метавонад. |
| 2.2.3. Барои баёни мақсад мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳии ҳаҷман хурд (ҳаҷми матн, давомнокии суҳбат, дарозии ҷумлаҳо)-ро истифода мебарад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– ба мақсади суҳбат оростан мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб мекунад;<br>– ба мақсади дар бораи чизе хабар додан, воқеаю ҳодисаҳои дидаю шунидаро муфассал нақл мекунад;<br>– ба мақсади аниқ кардани ахбор ё қонеъ кардани ҳисси кунҷкобии худ саволҳои мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ медиҳад;<br>– ба мақсади касеро ба амале водор кардан дастур медиҳад;<br>– ба мақсади ба чорабиние даъват кардан шифоҳӣ эълон мекунад;<br>– ба мақсади ҳазлу шӯхӣ кардан латифа мегӯяд;<br>– ба мақсади хурсанд кардан шахсро шифоҳӣ табрик мекунад;<br>– ба мақсади дар бораи чизе огаҳӣ доштани худро баён кардан хусусиятҳои ашёро номбар мекунад. |
| Хондан |
| 2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯи аломати китобат ва хониши буррои матн)-ро медонад ва риоя мекунад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– матнҳои навъ ва жанри гуногун (назмию насрии ба синну сол мувофиқ; матнҳои ҳикоягӣ, тасвирӣ, бо унсурҳои мулоҳизаронӣ)-ро мехонад;<br>– ба синтагмаҳо ҷудо карда мехонад;<br>– равон (бо суръати муътадил 40-50 калима дар як дақиқа) мехонад;<br>– бурро (талаффузи калимаҳо тибқи қоидаҳои имло) мехонад;<br>– калимаҳои сохта ва мураккаби ба синфи дуюм мувофиқро хонда метавонад;<br>– ба оҳанги аломатҳои китобат риоя карда мехонад;<br>– ҳангоми хондан ғалатҳои содиркардаашро мустақилона ислоҳ мекунад. |
| 2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– тарзҳои хондан (тасаввур кардан, такроран хондан, муайян кардани маънои калимаҳое, ки ба ҳайси луғат омадаанд)-ро истифода карда, матнро мехонад; |

– стратегияҳои гуногунро истифода бурда унсурҳои матн (муаллиф, сарлавҳа, расм, симо (ҳо), замон ва макони баргузори воқеаҳо)-ро муайян карда метавонад;
– матнҳоро аз рӯйи навъ (назмӣ, насрӣ) фарқ карда метавонад;
– матнҳои ба синфи дуюм мувофиқро бо мақсадҳои гуногун (шиносоӣ, дарёфти ахбори зарурӣ, дарки маънӣ) мехонад.
– ба саволҳои пеш аз хондан, дар ҷараёни хондан ва пас аз хондан ҷавоб мегӯяд;
– мазмуни матнҳои ҳикоягиро пешгӯйӣ мекунад;
– мустақилона бо овози баланд хонда, ба саволҳо ҷавоб меёбад;
– оғоз, қисми асосӣ ва анҷоми матнро муайян мекунад;
– маънои калимаҳоро аз сарчашмаҳои гуногун (луғати зери матн, ҳамсинф, омӯзгор) муайян мекунад;
– ҷадвал, нақша, диагрммаҳои хеле содаро мехонад;
– аз рӯйи майлу хоҳиш ва шавқу ҳавас рӯзномаву маҷалла ва китобҳои бачагонаро мунтазам мутолиа мекунад.

2.3.3. Мазмуни матнҳои ҳикоягии он қадар калон (150-250 калима), ки 3-4 калимаи нав доранд, дарк карда, хулоса мебарорад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:
– доир ба мазмуни матнҳои ношинос саволу ҷавоб (одӣ, таҳлилӣ, эҷодӣ) карда метавонад;
– мазмуни матн (асарҳои бачагонаи хурд)-ро муфассал ва интихобӣ нақл карда метавонад;
– ба гуфтор ва рафтори симоҳои матн баҳо дода метавонад;
– доир ба мазмуни матн хулоса бароварда тавонад;
– мазмуни матнҳои гуногунро таҳлил, муқоиса ва арзёбӣ мекунад;
– мазмуни матнҳои содаро бо ҳаёт алоқаманд карда метавонад;
– тахайюлот ва воқеият будани мазмуни матнҳои на он қадар мураккабро муайян карда метавонад.

**Навиштан**

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:
– хоно, зебо ва тоза навиштан;
– калимаҳои ба синфи дуюм мувофиқро тибқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (имлои ҳарфҳои ӣ, ӯ, е, ё, ю, я, й, д, т, ҳ, ъ) менависад;
– қоидаҳои аз сатр ба сатри дигар гузарондани ҳиссаи калимаро риоя мекунад;
– аввали ҷумла ва мисраъҳои шеъриро бо ҳарфи калон менависад;
– аввали номи одамон, лақаби ҳайвонот ва мавқеъҳои ҷуғрофиро бо ҳарфи калон менависад;
– дар охири ҷумла аломати мувофиқ (нуқта, савол) мегузорад;
– пас аз калимаҳои номбаршудаи ифодакунандаи ном, аломат ва ҳаракат аломати вергул мегузорад;
– ҳангоми рӯйнавис сархатро дуруст мегузорад.

2.4.2. Стратегия (тарз, роҳу усул)-ҳои мувофиқи навиштанро истифода бурда, матнҳои хурдро менависад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

| |
|---|
| – барои ифодаи фикр ва пурсидан ҷумлаҳои ҳикоягӣ ва саволӣ навишта, дар охир аломати мувофиқ (нуқта, савол) мегузорад;<br>– миқдори ками луғат (калимаҳо)-и навро дар нутқи хаттӣ истифода мебарад;<br>– ба мақсади аниқ кардани ахбор ё қонеъ кардани ҳисси кунҷкобии худ хаттӣ саволҳои одӣ ва таҳлилӣ тартиб медиҳад;<br>– бо суръати мувофиқ (тахминан 15-20 ҳарф дар як дақиқа) менависад;<br>– имлоҳои зиёди таълимиро барои инкишофи малакаҳои беғалатнависӣ истифода мебарад;<br>– дар доири мавзӯъ муколамаи хаттии хеле хурд тартиб медиҳад;<br>– аз рӯйи намуна сохтори матнҳои гуногун (эълон, табрикнома, мактуб, ҳикоя)-ро фарқ карда метавонад;<br>– мустақилона малака ва маҳорати навиштани худро такмил дода, дафтар ва варақаҳои навиштанро аз қабили "дафтари имло", "Луғати аввалини ман"истифода мебарад;<br>– маълумотнома (анкета)-и хурд, кроссворд ва сканвордҳои содаро пур мекунад. |
| 2.4.3. Барои баёни мақсадҳои худ мавзӯъ ва мазмуни мувофиқ интихоб намуда, матнҳои хурди сохторашон гуногун (ҳикоя, афсона, табрикнома, мактуб, эълон, дастурамал) менависад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– ба мақсади нишон додани донишу таҷрибаи тавассути дигар навъҳои нутқ (гӯш кардан, хондан) андӯхта иншо, ҳикоя, афсона (40-50 калима) навиштанро машқ мекунад;<br>– ба мақсади ба чорабиние даъват кардан аз рӯйи намуна эълон менависад;<br>– ба мақсади хурсанд кардан аз рӯйи намуна табрикномаи хурд менависад;<br>– ба мақсади муошироти хаттӣ аз рӯйи намуна мактуби хурд навишта метавонад. |

**Намунаи дарс аз роҳнамои омӯзгор**

§ 7. Қадри падар – 2 соат

Салоҳиятҳо:

2.3.1. Қоидаҳои маъмули хондан (бо риояи оҳанг, аз рӯи аломати китобат ва хониши бурраи матн)-ро медонад ва риоя мекунад.

2.3.2. Стратегияҳои мувофиқро истифода бурда, матнҳои хурд, ки калимаҳои бештари ношинос доранд, мехонад.

2.4.1. Қоидаҳои дигари навиштанро тибқи нишондиҳандаҳо риоя мекунад.

Мақсадҳои таълим:

– маънои калимаҳои мураккабро аз мазмуни матн муайян мекунанд;
– матнро бурров у равон мувофиқи синтагмаҳо мехонанд;
– имлои аломати ъ-ро ҳангоми хондан ва навиштан риоя мекунанд;
– ҳангоми хондан савол таҳия карда, ба саволҳо ҷавоб мегардонанд.

Равиши дарс:

1) *Лаҳзаи ташкилии дарсро гузаронед.*
2) **Ангезиши зеҳн**. Калимаи “падар”–ро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки хислатҳои падарро гӯянд. Масалан, *меҳрубон, бақувват* ва ғайра. Калимаҳои гуфтаи хонандагонро дар тахтаи синф нависед. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба монанди намунаи мазкур, бо истифодаи калимаҳои гуфтаашон ҷумла гӯянд. Масалан, *Падари ман меҳрубон аст.*
3) **Шиносоӣ бо матн ва муайян кардани мушкилот**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки матни “Қадри падар”–ро (Китоби дарсии забони модарӣ, синфи 2. Саҳ. 29–31) мустақилона хонанд ва калимаҳои мушкилфаҳмро муайян кунанд. Хонандагон метавонанд ба болои калимаи нофаҳмо порчаи коғаз гузоранд (ё ин калимаҳоро дар дафтар нависанд). Сипас бо хонандагон калима ва ибораҳои мушкилфаҳмро таҳлил кунед. (Нигаред ба тарзи таҳлили калимаҳои мушкилфаҳм.)

   Луғат:
   **икром** – ҳурмат, эҳтиром
   **инъом** – тӯфа, ҳадя
   **дирам** – танга, пул
   **ба ҳайрат мондан** – чизе нафаҳмида, ҳайрон шуда истодан
   **дучор шудан** – вохӯрдан бо касе
   **ҳаргиз** – ҳеҷ вақт, ҳеҷ
   **ба чӣ сабаб** – барои чӣ;
   **аз баҳри он** – аз барои он
   **неъмат** – чизҳои зарури зиндагӣ ва рӯзгор, ризқу рӯзӣ; сарват
   **пайванд** – ҳамбаст, пайваст; наздик
   **ҳосил** – ба вуҷуд омадан, пайдо шудан
   **ком** – мақсад, мурод, орзу

4) Таҳлили калимаҳои мушкилфаҳм.

– Ҷумларо бо овози баланд хонед: Дар роҳ мардеро **дучор шуд**. Ба хонандагон муроҷиат намоед: калимаи **“дучор шуд”**–ро чӣ маънӣ дорад? Биёед ҷумлаи якумро мехонем: Мегӯянд, ки рӯзе шахсе аз хона берун баромад. Дар роҳ мардеро дучор шуд. Ман фикр мекунам, ки калимаи “дучор шуд” маънои вохӯрданро дорад. Шумо чӣ фикр доред?

– Аз хонандае хоҳиш намоед, ки ҷумлаи калимаи нофаҳмо доштаро ба монанди шумо хонад. Онро якҷоя таҳлил карда маънои калимаро муайян кунед. Ҳамин тарз дигар калимаҳоро маънидод кунед.

5) **Хониши дунафара**. Усули таҳқиқшудаи такмили малакаи хониши буррову равони хонандагони сустхон мебошад. Дар усули мазкур хонандагон ба ҳамдигар матнро бо овози баланд мехонанд. Гурӯҳи дунафара аз як хонандаи хубхон ва як хонандаи сустхон ташкил карда мешавад. Инчунин хонандагони дар як сатҳ қарордоштаро низ дар гурӯҳи дунафара муттаҳид кардан мумкин аст. Усули хониши дунафараро бо матнҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Барои ташкил намудани гурӯҳҳои дунафара шумо рӯихати хонандагони синфро мувофиқи сатҳи хондан таҳия намоед. (Яъне, аълохонҳо аз аввал ва тадриҷан хонандагони сустхон). Рӯихатро ба ду қисми баробар қат кунед. Варақро аз байн буред. Ҳар ду қисмро бари ҳам гузоред ва гурӯҳҳои дунафараро ташкил намоед. Масалан, хонандагони якум аз ҳарду рӯйихат як гурӯҳи дунафараро ташкил медиҳанд.

6) Аввал хонандаи хубхон матнро буррову равон ба ҳамнишинаш мехонад. Сипас хонандаи дуюм матнро ба хонандаи якум мехонад. Агар хонанда ҳангоми хондан ғалат содир кунанд, хонандаи ҳамнишин ӯро дуруст мекунад. Кори хонандагонро назорат кунед ва ба онҳо ёрӣ расонед. Дуруст кардани ғалатҳоро қадр кунед.

7) **Таҳияи саволҳо**. Якҷоя бо хонандагон дар асоси матн саволҳои гуногун таҳия намоед. Саволҳо бояд ба шахси дуюм равона шаванд. Масалан, *Шумо дар роҳ бо кӣ дучор шудед?* Саволҳоро дар тахтаи синф навишта метавонед.

8) **Курсии сеҳрнок**. Дар пеши синфхона курсиеро гузоред. Аз як хонанда хоҳиш намоед, ки ба он шинад ва ба саволҳои хонандагони дигар ҷавоб гардонад. Хонандагон метавонанд аз саволҳои дар қадами 7 таҳиякардаашон истифода баранд ё саволҳои иловагӣ тартиб диҳанд. Намуна: *Хонандаи 1: Шумо дар роҳ бо кӣ дучор шудед? Хонандаи дар курсии сеҳрнок нишаста: Ман дар роҳ бо марде дучор шудам.* Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон калимаҳои навро истифода бурда, бо забони адабӣ сухан ронанд. Ба курсии сеҳрнок якчанд хонандаро даъват намоед.

9) **Кроссворди ҳарфи ъ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафара машғул шуда, кроссвордро дар асоси калимаҳои мазкур пур кунанд. Кроссворд ва калимаҳо дар замима оварда шудаанд.

Калимаҳо: неъмат, инъом, таълим, ваъда, маъно, баъд, нашъунамо, эътибор, эътино, аъзо, яъне, дафъа

Кроссворд

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |



Ҷавоб ба кроссворд



10) **Имлои дунафара**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дунафара машғул шаванд. Яке хонандаи А ва дигар хонандаи Б мешавад. Хонандагон бо навбат ба ҳамдигар калимаҳои сутуни мувофиқро мехонанд ва менависанд. Хонандаи А калимаҳои сутуни А–ро мехонад ва хонандаи Б ин калимаҳоро менависад. Сипас хонандаи Б калимаҳои сутуни Б–ро мехонад ва хонандаи А ин калимаҳоро менависад. Хонандагон имлои навиштаи якдигарро месанҷанд.

| Сутуни А | Сутуни Б |
|---|---|
| неъмат | Нашъунамо |
| инъом | эътибор |
| таълим | эътино |
| ваъда | аъзо |
| маъно | яъне |
| баъд | дафъа |

11) **Машқҳои интихобӣ**. Шумо метавонед машқҳои зеринро бо машқҳои асосӣ иваз кунед ё агар вақт монад онҳоро дар раванди дарс иҷро намоед.

А) Матнро бори дигар хонед ва ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ гузоред.

– Дар роҳ бо марде _____________ шуд.
– Ба ӯ чаҳор ҳазор _____________ дод.
– Мард ба _____________ монд.
– Он мард ӯро _____________ намешинохт.
– Марди ҷавон мӯйсафедро _____________ ва _____________ кард.

– Ҳеҷ ______________ аз фарзанд беҳ нест.

Б) Дар асоси ҷадвал ҷумла тартиб диҳед.

Намуна: Падарам кордон аст.

| | | |
|---|---|---|
| Падарам<br>Модарам<br>Бародарам<br>Хоҳарам<br>Бибиям | меҳрубон<br>ҳалим<br>кордон<br>зебо<br>доно<br>аълохон<br>далер<br>ҷасур<br>хирадманд | аст. |

В) **Дуруст ё нодуруст**. Дуруст ё нодуруст будани ақидаҳои поёнро пас аз хондани матн муайян кунед.

| Ақида | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Мард бо зане дучор шуд, ки ба модараш монанд буд. | | |
| Мардро ба хона даъват карда 4 ҳазор динор дод. | | |
| Мард соҳиби хонаро нағз мешинохт. | | |
| Марди ҷавон ба пирамард 4 ҳазор динор қарз дод. | | |

11) **Вазифаи хонагӣ**. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки калимаҳои ишорашударо бо калимаҳои ҳаммаъно иваз намоянд.

– Падарам ба ман китоби шавқовар **иньом** кард.
– Падарам суханони додарамро шунида, **дар ҳайрат монд**.
– Дар бозор ман бо амакам **дучор шудам**.
– Ман **ҳаргиз** зарофаро аз наздик надидаам.
– Рустам **ба чӣ сабаб** ба дарс наомадашро нагуфт.
– **Аз баҳри он** ки ман ба дарс дер омадам, вазифаро нафаҳмидам.

**Ҷамъбаст ва арзёбӣ**. Ақидаҳои зеринро ба хонандагон пешниҳод намоед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки ақидаи мувофиқро интихоб намоянд ё ақидаи навро пешниҳод кунанд.

А) Ту ба қадри падарат чӣ гуна мерасӣ? Ман ба корҳои хона ёрӣ мерасонам.

Б) Ту ба қадри падарат чӣ гуна мерасӣ? Ман бо баҳои аъло мехонам.

В) Ту ба қадри падарат чӣ гуна мерасӣ? Ман …

Намунаи замима ба китоби дарсии фанни “Забони модарӣ” барои синфи 2

Қадри падар

1) Матнро хонед ва калимаҳои нофаҳмоoро шарҳ диҳед.

**икром** – ҳурмат, эҳтиром

**инъом** – тӯфа, ҳадя

**дирам** – танга, пул

**ба ҳайрат мондан** – чизе нафаҳмида, ҳайрон шуда истодан

**дучор шудан** – вохӯрдан бо касе

**ҳаргиз** – ҳеҷ вақт, ҳеҷ

**ба чӣ сабаб** – барои чӣ;

**аз баҳри он** – аз барои он

**неъмат** – чизҳои зарури зиндагӣ ва рӯзгор, ризқу рӯзӣ; сарват

**пайванд** – ҳамбаст, пайваст; наздик

**ҳосил** – ба вуҷуд омадан, пайдо шудан

**ком** – мақсад, мурод, орзу

2) **Кроссворди ҳарфи ъ**. Кроссвордро дар асоси калимаҳои мазкур пур кунед.

Калимаҳо: неъмат, инъом, таълим, ваъда, маъно, баъд, нашъунамо, эътибор, эътино, аъзо, яъне, дафъа

Кроссворд



3) **Имлои дунафара**. Бонавбат калимаҳоро хонед ва дар дафтаратон нависед.

| Сутуни А | Сутуни Б |
|---|---|
| неъмат | Нашъунамо |
| инъом | эътибор |
| таълим | эътино |
| ваъда | аъзо |
| маъно | яъне |
| баъд | дафъа |

4) Матнро бори дигар хонед ва ба ҷойҳои холӣ калимаҳои мувофиқ гузоред.

– Дар роҳ бо марде _____________ шуд.
– Ба ӯ чаҳор ҳазор _____________ дод.
– Мард ба _____________ монд.
– Он мард ӯро _____________ намешинохт.

– Марди ҷавон мӯйсафедро ____________ ва ____________ кард.
– Ҳеҷ ____________ аз фарзанд беҳ нест.

5) Дар асоси ҷадвал ҷумла тартиб диҳед.

Намуна: Падарам кордон аст.

| | | |
|---|---|---|
| Падарам<br>Модарам<br>Бародарам<br>Хоҳарам<br>Бибиям | меҳрубон<br>ҳалим<br>кордон<br>зебо<br>доно<br>аълохон<br>далер<br>ҷасур<br>хирадманд | аст. |

6) **Дуруст ё нодуруст**. Дуруст ё нодуруст будани ақидаҳои поёнро пас аз хондани матн муайян кунед.

| Ақида | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| Мард бо зане дучор шуд, ки ба модараш монанд буд. | | |
| Мардро ба хона даъват карда 4 ҳазор динор дод. | | |
| Мард соҳиби хонаро нағз мешинохт. | | |
| Марди ҷавон ба пирамард 4 ҳазор динор қарз дод. | | |

7) **Вазифаи хонагӣ**. Калимаҳои ишорашударо бо калимаҳои ҳаммаъно иваз намоед.

– Падарам ба ман китоби шавқовар **<u>инъом</u>** кард.
– Падарам суханони додарамро шунида, **<u>дар ҳайрат монд</u>**.
– Дар бозор ман бо амакам **<u>дучор шудам</u>**.
– Ман **<u>ҳаргиз</u>** зарофаро аз наздик надидаам.
– Рустам **<u>ба чӣ сабаб</u>** ба дарс наомадашро нагуфт.
– **<u>Аз баҳри он</u>** ки ман ба дарс дер омадам, вазифаро нафаҳмидам.

**Ҷадвали салоҳиятҳо аз фанни математика барои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ**

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ** | | | |
| 1.1.1. Ададҳоро аз 1 то 20 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид ва даҳиро муайян карда метавонад<br><br>1.1.2. Рамзҳои одии математикӣ (+, -, =) ва маънои онҳоро муайян, ва дар амалҳо истифода карда метавонад. | 2.1.1. Ададҳоро аз 20 то 100 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид, даҳӣ ва садиро муайян карда метавонад.<br><br>2.1.2. Як қатор рамзҳои математикӣ (+, -, x, =) ва маънои онҳоро муайян, ва дар амалҳо истифодаи карда метавонад. | 3.1.1. Ададҳои аз 100 то 100000-ро хонда, навишта ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ ва даҳҳазориро муайян карда метавонад; разрядҳои даҳӣ, садӣ ва ҳазориро дар намуди каср ё шакли даҳӣ нишон дода метавонад.<br><br>3.1.2. Як қатор рамзҳои математикӣ (+ - x / < > =) ва маънои онҳоро муайян, ва дар амалҳо истифода карда метавонад. | 4.1.1. Ададҳои аз 100000 то 1000 000 хонда, навишта ва муқоиса мекунад; воҳид, даҳӣ, садӣ ва ҳазориро дар ададҳои бутун ва омехта ба разрядҳо ва синфҳо ҷудо карда метавонад; разрядҳои даҳӣ ва садӣ ва ҳазориро дар намуди каср ё шакли даҳӣ нишон дода метавонад.<br><br>4.1.2. Маҷмуъи васеъи рамзҳои математикӣ ва маънои онҳоро муайян ва дар амалҳо истифода карда метавонад. |
| **Амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала** | | | |
| 1.2.1. Ададҳоро дар доираи аз 1 то 20 ҷамъ ва тарҳ карда, масъалаҳои содаро бо амалҳои ҷамъ ва тарҳ ҳал карда метавонад.<br><br>1.2.2. Стратегияҳои зеҳниро дар амалҳои одии ҷамъ истифода карда метавонад.<br><br>1.2.3. Муодилаҳои одиро бо ҷамъшавандаи номаълум ҳал карда метавонад. | 2.2.1. Ададҳои яклухтро дар доираи аз 20 то 100 ҷамъ ва тарҳ карда, масъалаҳои як-ду амалаи матнӣ ва ададиро ҳал карда метавонад.<br><br>2.2.2. Стратегияҳои зеҳниро дар амалҳои одии ҷамъ ва тарҳ истифода карда метавонад<br><br>2.2.3. Муодилаҳои одиро бо адаҳои номаълум (ҷамъшаванда ё тарҳшаванда) ҳал карда метавонад. | 3.2.1. Ададҳои яклухтро дар доираи а 100,000 ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим карда метавонад. Масъалаҳои таркибиро дар намуди матн ё ададӣ бо амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим ҳал карда метавонад.<br><br>3.2.2. Стратегияҳои зеҳниро дар амалҳои ҷамъ, тарҳ ва амалҳои одии зарб истифода карда метавонад.<br><br>3.2.3. Муодилаҳои одиро бо | 4.2.1. Ададҳои яклухтро дар доираи 1000 000 ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим карда метавонад.<br><br>4.2.2. Стратегияҳои зеҳниро дар амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим истифода карда метавонад.<br><br>4.2.3. Муодилаҳои дуамаларо ҳал карда метавонад.<br><br>4.2.4. Ҳангоми санҷиши дурустии ҳамаи амалҳои арифметикӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | 2.2.4. Ҳангоми санҷиши дурустии ҳисоби суммаҳои хурдтар аз 100 арзёбӣ ва истифода карда метавонад | адаҳои номаълум (ҷамъшаванда ё тарҳшаванда) ҳал карда метавонад<br><br>3.2.4. Ҳангоми санҷиши дурустии амали ҷамъ ё тарҳи суммаҳои хурдтар аз 500 арзёбӣ ва истифода карда метавонад | арзёбӣ ва истифода карда метавонад |
| **Маводи геометрӣ** | | | |
| 1.3.1. Намудҳои одии хатҳо ва шаклҳои геометриро муайян ва тасвир карда метавонад.<br><br>1.3.2. Барои тасвири ҳаракат ва мавқеъ аз истилоҳоти оддӣ истифода карда метавонад. | 2.3.1. Як қатор намудҳои хат ва шаклҳои геометриро муайян ва тасвир карда андозаҳои онҳоро ҳисоб карда метавонад.<br><br>2.3.2. Барои тасвири ҳаракат ва мавқеъ аз истилоҳоти гуногун истифода карда метавонад. | 3.3.1. Маҷмуъи васеъи намудҳои хат ва шаклҳои геометриро муайян ва тасвир карда андозаҳои онҳоро ҳисоб намуда, модели шаклҳои одиро сохта метавонад.<br><br>3.3.2. Барои тасвири ҳаракат ва мавқеъ аз истилоҳоти гуногун истифода карда онҳоро дар қоғаз нишон дода метавонад. | 4.3.1. Маҷмуъи васеъи намудҳои хат ва шаклҳои геометриро муайян, муқоиса ва тасвир карда андозаҳои онҳоро ҳисоб намуда, модели шаклҳои одиро сохта метавонад.<br><br>4.3.2. Барои тасвири ҳаракат ва мавқеъ аз маҷмуъи васеъи истилоҳот истифода карда онҳоро дар қоғаз нишон дода метавонад. |
| **Бузургиҳо** | | | |
| 1.4.1. Арзишҳои (купюра) пулро мешиносад ва барои пардохти маблағи аниқ комбинатсияи пулҳоро муайян карда метавонад.<br><br>1.4.2. Истилоҳоти одиро муайян намуда барои муқоисакунӣ дарозӣ ва вазн истифода карда метавонад.<br><br>1.4.3. Аз истилоҳоти сода | 2.4.1. Масъалаҳои одии пулиро ҳал карда метавонад (ҷамъ ва тарҳ).<br><br>2.4.2. Ҳангоми ҳисоби ченакҳои дарозӣ ва вазн аз истилоҳоти оддӣ истифода карда метавонад.<br><br>2.4.3. Дар асоси вақти дастрасбуда қарорҳои одиро қабул карда метавонад. | 3.4.1. Масъалаҳои пулиро дар намуди матн ва адад бо чор амали математикӣ ҳал карда метавонад.<br><br>3.4.2 Як қатор ченакҳои дарозӣ, вазн ва тавоноиро ҳисоб карда метавонад.<br><br>3.4.3. Дар асоси вақти дастрасбуда ва бо воситаи ҷадвали дарсӣ ва корӣ қарор | 4.4.1. Масъалаҳои пулиро дар намуди матн ва адад бо чор амали математикӣ ҳал намуда хароҷоти нисбиро муқоиса карда метавонад.<br><br>4.4.2. Маҷмуъи ченакҳои дарозӣ, вазн ва тавоноии шаклҳои мураккабро ҳисоб карда метавонад.<br><br>4.4.3. Дар асоси вақти дастрасбуда |

| | | | |
|---|---|---|---|
| истифода карда вақтҳои гуногун ва асосиро муайян карда метавонад. | | қабул карда метавонад. | қарорҳои одиро қабул карда метавонад. |
| **Коркарди маълумот** | | | |
| 1.5.1. Маълумот ё ашёро бо роҳи сода ба навъҳо ҷудо карда метавонанд. | 2.5.1. Маълумотро бо роҳи сода ҷамъ ё сабт карда, хулосаи оддӣ мебарорад. | 3.5.1. Маълумотро ҷамъ оварда муаррифӣ менамояд ва аз он маълумот хулосабарорӣ мекунад. | 4.5.1. Бо роҳи ҷамъ намудани маълумоти дуруст ҳалли масалаҳоро меёбад, онҳоро муаррифӣ намуда хулоса мебарорад. |

**Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Математика” барои синфи 3–юм**

| Донистани ададҳо ва рамзҳои математикӣ |
|---|
| 3.1.1 Ададҳои аз 100 то 100000-ро хонда, навишта, номбар ва муқоиса карда метавонад; разрядҳои воҳид, даҳӣ, садӣ ва ҳазориро дар ададҳои бутун муайян карда метавонад; ҳиссаи ададро медонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ададҳоро дар доираи 100000 донанд ва хондаву навишта метавонад;<br>– таркиби ададҳоро дар доираи 1000 донад ва онҳоро ҷамъу тарҳ карда метавонад;<br>– аз ҷадвали ҷамъ ва тарҳ истифода бурда метавонад;<br>– ададҳоро ба разрядҳои воҳид, даҳӣ ва садӣ ҷудо карда метавонад;<br>– ададҳои серақамаро ба суммаи ҷамъшавндаҳои разрядӣ иваз карда метавонад.<br>– бо истифода аз даҳиҳо масъалаҳо тартиб дода ҳал карда метавонад;<br>– аз расмҳо ва чӯбчаҳо истифода бурда, даҳиҳоро ҷудо карда метавонад.<br>– разрядҳои воҳид, даҳиҳо ва садиҳоро фарқ карда метавонад;<br>– разрядҳоро хонда бо адад навишта метавонад;<br>– ададҳоро пай дар пай ба 1 (даҳӣ) зиёд карда метавонад;<br>– аз рӯйи расмҳо шумораи ашёҳоро муайян карда, аз чанд садӣ, даҳӣ ва воҳид иборат буданашонро медонад.<br>– садиҳоро ҷамъ, тарҳ ва муқоиса карда метавонад;<br>– адади 100-и яклухт ҳосил карда метавонад;<br>– даҳиҳои яклухтро то 100 пурра карда метавонад;<br>– ададҳоро ба таври зиёдшавӣ ва камшавӣ хонда ва навишта метавонад;<br>– ададҳои ҷуфт ва тоқро шиносад ва фарқ карда метавонад;<br>– тартиби иҷрои амалҳои беқавс бо аломатҳои ҷамъ ва тарҳро донад ва иҷро карда метавонад;<br>– тартиби иҷрои амалҳои беқавс бо аломатҳои зарб ва тақсимро донад ва иҷро карда метавонад;<br>– ҷадвали зарб ва тақсимро дар доираи 100 медонад;<br>– тартиби иҷрои амалҳои қавсдорро донанд, ва иҷро карда метавонад. |
| Рамзҳои математикӣ (+, -, x, :, ⊢, - =) ва маънои онҳоро медонад ва дар амалҳо истифодаи карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– рамзҳои математикиро шиносад дар амалҳо истифода бурда метавонад;<br>– мавқеи аломатҳои +, -, · (зарб), :, =, >, < -ро муайян карда метавонад;<br>– ададҳои дурақамаро бо дурақама ва серақамаро бо серақама муқоиса карда метавонад;<br>– баробарӣ ва нобаробарӣ тартиб дода метавонад;<br>– баробариро аз нобаробарӣ фарқ карда метавонад;<br>– ифодаҳои ҳарфӣ ва ададӣ тартиб дода метавонад;<br>– қоидаҳои муқоисаи ифодаҳои ададиро медонад;<br>– қимати ифодаҳои ададиро ёфта, онҳоро муқоиса карда метавонад.<br>– аломати зарб ва тақсимро донад ва аз дигар аломатҳо фарқ карда метавонад;<br>– тарзи навишти зарб ва тақсимро донад, онҳоро хонда метавонад. |
| **Амалҳои арифметикӣ ва ҳалли масъала** |
| Ададҳои яклухтро дар доираи аз 1 то 100000 ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим карда, масъалаҳои як-ду амалаи матнӣ ва ададиро ҳал карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:* |

| |
|---|
| – қонунҳои амали ҷамъро медонад;<br>– сумма ва фарқро бо тарзи шифоҳӣ ҳисоб карда метавонад;<br>– даҳиҳои яклухтро бо суммаи даҳиҳо ҷамъ карда метавонад;<br>– садиҳои яклухтро бо фарқи даҳиҳо ҷамъ карда метавонад;<br>– таркиби даҳии ададҳоро дар доираи 100000 медонад;<br>– амали ҷамъ ва тарҳи хаттиро дар доираи 100000 иҷро карда метавонад;<br>– амали зарб ва тақсими хаттиро ба ададҳои якрақама дар доираи 1000 иҷро карда метавонад;<br>– ҷадвали зарб ва тақсими ададҳои якрақамаро медонад;<br>– зарб ва тақсими ҷадвалиро ичро карда метавонад;<br>– зарб ба 1 ва 0, тақсими намуди а : а, 0 : а –ро медонад ва иҷро карда метавонад;<br>– зарб ва тақсимро ба адади якрақама ва дурақамаро дар доираи 1000 иҷро карда метавонад;<br>– қимати ифодаҳои ададии ду – се амаларо ҳисоб мекунад;<br>– фарқи масъалаи ададиро аз масъалаи матнӣ медонад;<br>– масъалаи матниро таҳлил карда метавонад;<br>– навишти кӯтоҳи масъаларо донад ва метавонад;<br>– масъалаи баръаксро донад ва ҳал карда метавонад;<br>– бо иваз кардани шарти масъала онро ба масъалаи нав табдил дода метавонад;<br>– аз навишти кӯтоҳ масъала тартиб дода, ҳал карда метавонад; |
| Стратегияҳои зеҳниро дар амалҳои ҷамъ, тарҳ ва амалҳои одии зарб истифода карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– хосиятҳои ифодаҳои ададиро медонад;<br>– тартиби иҷрои амалҳоро медонад;<br>– ифодаи ададии беқавсро бо аломатҳои ҷамъ, тарҳ, зарб ва тақсим бо тартиб иҷро карда метавонад;<br>– тартиби иҷрои амалҳои ифодаҳои се - чорамалаи арифметикии беқавсро медонад ва иҷро карда метавонад;<br>– тартиби иҷрои амалҳои ифодаҳои се - чорамалаи қавсдорро медонад ва иҷро карда метавонад;<br>– қонуни ҷойивазкунии ҷамъро донад ва дар амали ҷамъ истифода мебарад;<br>– мафҳуми ҳиссаро донад ва ҳиссаи ададро ёфтан метавонад;<br>– қонуни гурӯҳбандии ҷамъро донад ва бо тарзи осон суммаи се-чор ададро ёфта метавонад;<br>– қонуни ҷойивазкунии зарбро медонад ва дар амали одии зарб истифода мебарад;<br>– қонуни гурӯҳбандии зарбро медонад ва бо тарзи осон ҳосили зарби се-чор адади якрақама ва дурақамаро ёфта метавонад;<br>– қоидаи зарби сумма ба ададро донад ва ҳосили зарби суммаи ададҳои дурақамаро бо адади якрақама ёфта метавонад;<br>– ададро аз рӯи ҳисса ёфта метавонад;<br>– ҳиссаи ададҳоро муқоиса карда метавонад;<br>– доир ба ҳисса масъалаҳо тартиб дода ҳал карда метавонад. |
| Муодилаҳои одиро бо адаҳои номаълум (ҷамъшаванда ё тарҳшаванда) ҳал карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>– ифодаҳои ададӣ тартиб дода, қиматашро ёфта метавонад;<br>– ҳарфҳои хурди лотиниро дар забони математикӣ хонда ва навишта метавонад;<br>– ифодаҳои ҳарфиро аз ифодаҳои ададӣ фарқ карда метавонад;<br>– ифодаҳои ҳарфиро хонда ва навишта метавонад;<br>– қимати ифодаи ҳарфиро ёфта метавонад; |

– таърифи муодиларо донад ва онро хондаву навишта метавонад;
– муодила ҳал карда, дурустии ҳалро санҷида метавонад;
– дар муодилаҳо ҷамъшаванда, тарҳшаванда ва тарҳкунандаи номаълумро ёфта метавонад;
– муодилаҳоро бо ёфтани ҷамъшавандаҳои номаълум ҳал карда метавонад.

Ҳангоми санҷиш дурустии ҳисоби суммаҳои хурдтар аз 100 аз арзёбӣ истифода карда метавонад.

<u>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*</u>

– алоқамандии байни амалҳои ҷамъ ва тарҳро мефаҳмад;
– амали ҷамъ ва санҷиши онро аз рӯйи расм шифоҳӣ шарҳ дода метавонад;
– ҷамъи хаттиро иҷро карда, санҷида метавонад;
– ҷамъшавандаҳо ва суммаи номаълумро ёфта, ҷадвали ҳисобкуниҳоро пурра карда метавонад;
– роҳҳои санҷиши амали тарҳро медонад;
– амали тарҳро бо ёрии амали ҷамъ санҷида метавонад;
– ададҳоро сутунӣ ҷамъ карда, суммаро санҷида метавонад;
– тарҳи сутуниро санҷида метавонад;
– дурустии амали зарбро ба воситаи амали тақсим санҷида метавонад;
– бо ёрии ҷадвали қиматҳо амалҳоро иҷро карда, санҷида метавонад;
– доир ба санҷиши амали тақсим масъалаи баръакс тартиб дода, ҳал карда метавонад;
– хосияти ҷойивазкунии зарбро бо ёрии ҷамъ санҷида метавонад.

**Шаклҳои геометрӣ**

Як қатор намудҳои хат ва шаклҳои дученака ва сеченакаро муайян ва тасвир карда, андозаҳои онҳоро ҳисоб карда метавонад.

<u>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*</u>

– ҳарфҳоро, ки нуқтаҳо бо онҳо ишорат карда мешаванд медонад;
– шаклҳои геометриро бо ҳарфҳо ишорат карда, хонда ва навишта метавонад;
– порчаҳо ва тарафҳои бисёркунҷаҳоро чен карда, периметри онҳоро ёфта метавонад;
– шаклҳои бисёркунҷаро медонад ва фарқ карда метавонад;
– росткунҷаро шиносад ва аз дигар бисёркунҷаҳо фарқ карда метавонад;
– таърифи росткунҷаро донад ва онро сохта метавонад;
– мафҳуми периметрро донад ва периметри бисёркунҷаҳоро ёфта метавонад;
– мафҳуми масоҳатро медонад;
– бо дидан масоҳати шаклҳоро муқоиса карда метавонад;
– масоҳати шаклҳоро бо роҳи болои ҳам гузоштан муқоиса карда метавонад;
– хосияти тарафҳои росткунҷаро донад ва масоҳати онҳоро чен карда метавонад.
– квадратро бо росткунҷа муқоиса карда, умумият ва фарқияташонро медонад;
– квадратро сохта периметри онро чен карда метавонад;
– паргор ва вазифаи онро донад ва дар сохтанҳои геометрӣ истифода бурда метавонад;
– давраро ба қисмҳои баробар тақсим карда метавонад;
– давра ва доира сохта метавонад;
– радиус, диаметр ва маркази давраро фарқ карда метавонад;
– умумият ва фарқияти давра ва доираро медонад.

Барои тасвири ҳаракат ва мавқеъ аз истилоҳоти гуногун истифода карда метавонад.

<u>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*</u>

– самти ҳаракатро нишон дода метавонад;
– хатҳо: ҷойгиршавии хатҳоро гуфта, онҳоро тасвир карда метавонад;
– беохир будани хати ростро медонад;
– аз як нуқта ду нур баровавда метавонад;
– дар хати рост нурро ҷудо карда метавонад;

| |
|---|
| – бо қат кардани варақ хати рост ҳосил карда метавонад;<br>– доир ба хати шикаста аз ҳаёт ва ашёҳои атроф мисолҳо оварда метавонад. |
| **Бузургиҳо** |
| Масъалаҳои одии пулиро ҳал карда метавонад (ҷамъ ва тарҳ).<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– асъори миллӣ – дирам ва сомониро шиносад ва фарқ карда метавонад;<br>– муносибати байни дирам ва сомониро донад ва аз як намуд ба намуди дигар табдил дода метавонад;<br>– асъори миллӣ – дирам ва сомониро ҳисоб карда метавонад;<br>– нархҳоро бо дирам ва сомонӣ ҳисоб карда метавонад;<br>– бо асъори миллӣ мубодилот карда метавонад. |
| Ҳангоми ҳисоби ченакҳои дарозӣ, масса ва тавоноӣ аз истилоҳоти оддӣ истифода карда метавонад.<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– детсиметр, сантиметр, миллиметр ва метрро донад, мухтасар навишта метавонад;<br>– ченакҳои масоҳатро донад ва дар ҳисобкуниҳо истифода бурда метавонад;<br>– як ченаки дарозиро ба ченаки дигар ифода карда метавонад;<br>– аз хаткашак ва метр истифода бурда, чен карда метавонад;<br>– ченакҳои вазнро донад ва фарқ карда метавонад;<br>– мисолҳои гуногун оид ба табдилдиҳии ченакҳои вазн ҳал карда тавонад;<br>– ашёҳо ва маҳсулоти гуногунро бар кашида метавонад;<br>– намудҳои гуногуни тарозуҳоро медонад ва истифода бурда метавонад.<br>– воҳидҳои ченаки вазнро медонад ва бо тарзи кӯтоҳ навишта метавонад;<br>– ченакҳои вазнро табдил дода метавонад;<br>– доир ба ченаки вазн масъалаҳо тартиб дода, ҳал карда метавонад;<br>– намудҳои соат ва вазифаи ақрабакҳои онро медонад ва фарқ карда метавонад;<br>– ченакҳои вақтро медонад ва гуфта метавонад;<br>– фарқи байни ченакҳои вақтро муайян карда метавонад;<br>– ба саволи «Соат чанд»? ҷавоб дода метавонад;<br>– воҳидҳои ченаки вақтро донад ва табдил дода метавонад;<br>– воҳидҳои ченаки вақтро бо дақиқа ва соат табдил дода метавонад. |
| Дар асоси вақти дастрасбуда қарорҳои одиро қабул карда метавонад.<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– масъалаҳои одии математикии ҳаётиро бо истифодаи дониш, малака ва маҳорати азхудкардааш мустақилона ҳал карда метавонад.<br>– вақти шабонарӯзиро донад ва ба соатҳо ифода карда метавонад;<br>– реҷаи дарсхонӣ ва дарстайёркуниро медонад;<br>– реҷаи истироҳат, хӯроккурӣ, хобро донад ва онро риоя карда метавонад;<br>– намудҳо ва вазифаҳои тақвимро донад ва онҳоро фарқ карда метавонад;<br>– рӯзҳои истироҳат ва идҳо дар тақвимро ҷудо карда метавонад;<br>– тақвим сохта, истифода бурда метавонад. |
| **Коркарди маълумот** |
| Маълумотро ҷамъ оварда муаррифӣ менамояд ва аз он маълумот хулосабарорӣ мекунад.<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>– маълумотро дар шакли сода пешниҳод карда метавонад;<br>– матнро хонда, маълумоти омории дар он бударо дар шакли диаграмма ва нақшаҳои хеле сода пешниҳод карда метавонад;<br>– ҷадвалҳои тайёри маълумотро таҳлил карда, хулоса бароварда метавонад; |

- барои ҷамъи иҷрои амалиётҳои додашуда аз ҷадвали маълумотҳо истифода бурда метавонад;
- дар ҷадвал алоқаи байни бузургиҳои мутаносибиро мустақилона ҷой дода метавонад;
- дар амалҳои математикӣ пайдарпаии мантиқиро риоя менамояд ва хулоса баровард метавонад;
- ҷадвали маълумотҳои содаи тайёрро хонда, хулосаи оддӣ бароварда метавонад.

**Намунаи дарси Роҳнамои омӯзгор аз фанни "Математика" барои синфи 1.**

§ 7. Ҷамъ, тарҳ ва аломати он (+, -) 2 соат

**Салоҳиятҳо:** Дарси мазкур ба ташаккули салоҳиятҳои зерин равона карда мешавад:

Ададҳоро аз 1 то 20 мехонад, менависад ва муқоиса мекунад; разрядҳои воҳид ва даҳиро муайян карда метавонад.

Рамзҳои одии математикӣ (+ - =) ва маънои онҳоро муайян ва дар амалҳо истифода карда метавонад.

Мақсадҳои таълим. Хонандагон бояд:

- маънои ададҳои се ва чорро донанд;
- номи ададиҳои 3 ва 4 гуфта тавонанд;
- ишораи ададҳои 3 ва 4 шиносанд;
- адади 3 ва 4 навишта тавонанд;
- аломатҳои «+», «-», «=», «>, <» шиносанд ва навишт тавонанд;
- усулҳои ҷамъ ва тарҳ бо маводи мушаххас ва ҳосил кардани ифодаҳо (2+1, 2-1 ва ғайра), зиёд ва кам кардани ададҳоро донанд ва истифода баранд;

**Барнома. Такрори а**дадҳои 0, 1, 2, 3 ва 4. Мафҳуми ҷамъ ва тарҳ. Аломатҳои «+», «-», «=», «>, <» ва навишти онҳо. Усулҳои ҷамъ ва тарҳ бо маводи мушаххас ва ҳосил кардани ифодаҳо (2+1, 2-1 ва ғайра), зиёд ва кам кардани ададҳо.

**Методикаи таълим**. Дар ҷараёни дарсҳои мазкур хонандагон адад ва рақамҳои 0, 1, 2, 3 ва 4-ро такрор мекунанд. Инчунин мафҳумҳои "ҷамъ" ва "тарҳ"-ро дарк кунанд. Аломатҳои «+», «-», «=», «>, <» ва навишти онҳо низ омӯхта мешавад. Дар поён якчанд намунаи усулҳои таълим пешкаши шумо гардонда мешаванд. Ҳангоми таҳияи нақшаи дарс аз тавсияҳои мазкур истифода бурда метавонед. Ташкил намудани лаҳзаҳои дамгириро фаромӯш накунед.

1) Дарсро бо саволу ҷавоб оид ба шинохти адад ва рақамҳои омӯхташуда оғоз кунед. Аз рақамҳои бурида ва аёниятҳо истифода баред.
2) Муаррифӣ ва машқи усули ҷамъ ва тарҳ бо маводи мушаххас ва ҳосил кардани ифодаҳо (2+1, 2-1 ва ғайра), зиёд ва кам кардани ададҳо. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ду зарфи холӣ гиранд (машғулиятҳои пешин онҳо зарфи пластикро барои гирифтани сангча ва дигар ашё омода карда буданд). Ба онҳо супориш диҳед, ки чор дона чӯбча (ё дигар ашё) гиранд. Дар зарфи тарафи рост ду дона ва дар зарфи тарафи чап ду дона чӯбчаро гузоранд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз зарфи тарафи рост як дона чӯбчаро ба зарфи тарафи чап андозанд. Аз онҳо пурсед, ки акнун дар зарфи тарафи чап чанд чӯбча шуд? Дар зарфи тарафи рост чанд чӯбча монд? Мо ҳоло чӣ кор кардем? Бале аз як зарф ба зарфи дигар илова кардем. Аз як зарф чӯбчаҳоро кам кардем. Боз ба ҳамин тавр якчанд маротиба бо миқдори чӯбчаҳои гуногун машқро иҷро намоед. Аз хонандагон пурсед, боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон амалро фаҳмиданд.

3) Аломати “+”-ро дар тахтаи синф нависед, аз онҳо пурсед, ки оё ин аломатро дар ягон ҷо вохӯрдаанд? Ба фикри онҳо он чӣ маъно дорад? Ин аломатро кай истифода мебарем? Ҳангоми илова кардан, зиёд кардан. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ҷадвалеро, ки пештар барои машқи аломатҳои дигар истифода бурдаанд гиранд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар ду нақша ду ё се ашё (мухра ё сангча) гузоранд. Ба онҳо гӯед, агар мо ин ашёҳоро ҷамъ кунем (якҷоя кунем) чанд ашё ҳосил мешавад? Бале чор ашё. Биёед аломати ҷамъро дар байни хоначаҳо мегузорем.




4) Якҷоя кардани гурӯҳи ашёҳоро “ҷамъ кардан” мегӯянд. Онро бо аломати “+» ишора мекунанд.
5) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба нақшаи зерин нигаранд. Чӣ илова шудааст? Ин чӣ маъно дорад?




6) Тарзи ҷамъ карданро фаҳмонед. Аломати ҷамъ ва баробарро ба хонандагон шарҳ диҳед. Тарзи навишти аломатҳоро нишон дода, барои машқ кардани он ба хонандагон вазифа супоред.
7) Тарзи хондани амал ва аломатро шарҳ диҳед:

   Ин тавр хонда мешавад: 1+1=2 як ҷамъи як баробари ду.

   “+” ин аломати ҷамъ ва амали ҷамъ аст.

   Ин тарзи хонданро боякчанд мисолҳо машқ кунед.
8) Машқи ҷамъ кардани ашё дар доираи 4. Оҳиста-оҳиста ашёҳоро бо рақамҳо иваз намоед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мефаҳманд, ки рақамҳо ашёро ифода мекунанд. Шумо метавонед тартиби гуногуни мисолҳоро ба хонандагон пешниҳод намоед. Масалан: 3+1=4, 2+1=3 ва ғайра.
9) Баъд аз муаррифӣ ва шиносоии тарзи ҷамъ кардани ашёҳо, кам кардани ашёҳоро ба хонандагон муаррифӣ намоед. Аломати “–“-ро дар тахтаи синф нависед, аз онҳо хоҳиш кунед, ки гӯянд, оё ин аломатро дар ягон ҷо вохӯрдаанд? Ба фикри онҳо ин аломат чӣ маъно дорад? Ин аломатро кай истифода мебарем? Ҳангоми кам кардан. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ҷадвалеро, ки пештар барои машқи аломатҳои дигар истифода бурдаанд гиранд. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар хоначаи тарафи чап се ашё гузоранд. Ба онҳо гӯед, агар мо аз ин хонача як ашёро гирифта ба хоначаи тарафи рост гузорем, дар хоначаи аввал чанд ашё боқӣ мемонад? Бале ду ашё. Биёед аломати тарҳро дар байни хоначаҳо мегузорем.




10) Аз гурӯҳи ашёҳо кам кардани ашёҳоро “тарҳ кардан” мегӯянд. Онро бо аломати “-” ишора мекунанд.
11) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ба нақшаи зерин нигаранд. Чӣ илова шудааст? Ин чӣ маъно дорад?




12) Тарзи тарҳ карданро фаҳмонед. Аломати тарҳ ва баробарро ба хонандагон фаҳмонед.
13) Тарзи хондани амал ва аломати “-” (тарҳ)

    2-1=1  Ду тарҳи як баробари як

    “-”  ин аломати тарҳ аст.

    Тарзи навишти амал ва аломати “-”ро ба хонандагон нишон дода, барои машқ кардани он вазифа супоред.
14) Машқи тарҳ кардани ашё дар доираи 4. Оҳиста-оҳиста ашёҳоро бо рақамҳо иваз намоед. Боварӣ ҳосил намоед, ки хонандагон мефаҳманд, ки рақамҳо ашёро ифода мекунанд. Шумо метавонед тартиби гуногуни мисолҳоро ба хонандагон пешниҳод намоед. Масалан: 3-1=2, 2-1=1, 2-2=0 ва ғайра.
15) Дар охири машғулият якчанд мисолҳоро барои мустаҳкам кардани донишу малака ба хонандагон супоред. Шумо метавонед ҳамчун намунаҳои зерин мисолҳо навишта, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аломати мувофиқро гузоранд.

    Намуна:

    2 □ 2 = 4;  4 □ 2 = 2
16) Намунаҳои мисолҳои бештарро дар тахтаи синф навишта бо аҳли синф кор кунед. Комбинатсияҳои гуногун пешниҳод кунед, то хонандагон имконияти бештари машқ ва дарки тартиби иҷрои амали тарҳ ва ҷамъро дошта бошанд.

**Ҷамъбаст ва арзёбӣ.** Дар раванди машғулият фаъолияти хонандагонро мушоҳида карда, натиҷаи мушоҳидаатонро ба қайд гиред, барои хонандагоне, ки дар татбиқи салоҳиятҳо ва натиҷаҳои таълим мушкилӣ мекашанд, машқҳои иловагӣ таҳия намоед.

Машқҳо оид ба ҷамъ, тарҳ ва муқоисаи ададҳои омӯхташуда:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2+1 | 3+1 | 1+1 | 4-2 | 4-3 | 4-1 |
| 2*1 | 3*4 | 4*4 | 2*3 | 3*1 | 0*4 |

**Намунаи замима ба китоби дарсӣ аз фанни “Математика”**

1) Кадом ифодаҳо ба масъала мувофиқанд.

Рустам 4 пуфак дошт. Ӯ 2 пуфакро гум кард. Дар дасти Рустам чанд пуфак монд?

а) 4 + 2= б) 4 - 2=

Имрӯз Заррина 3 ситорача аз фанни математика ва 2 ситорача аз фани забон гирифт. Заррина ҳамагӣ чанд ситорача гирифт.

а) 3 + 2= б) 3 - 2=

Аҳмад 2 мошинча дошт. 1 мошинчаашро ба додараш дод. Дар дасти Аҳмад чанд мошинча монд?

а) 2 + 1= б) 2 - 1=

2) Ифода тартиб диҳед.



Мисол: 3 + 2 = 5











6 - □ = 4



□ - 1 = 3



**Ҷадвали салоҳиятҳои фанни “Табиатшиносӣ” барои синфҳои 1-4**

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Инсон ва табиат** | | | |
| 1.1.1. Хусусияти одии баъзе унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаро муайян мекунад ва мегӯяд. | 2.1.1. Фарқияти табиати зинда ва ғайризиндаро гуфта, хусусияти ашё ва ҳодисаҳои табииро шарҳ медиҳад. | 3.1.1. Шаклҳои мавҷудияти олами ғайризинда ва зинда (аз ҷумла одам)-ро муайян карда, нақши муҳити атрофро дар гуногунии мавҷудоти зинданишон медиҳад. | 4.1.1. Муносибати мутақобилаи ашёи зинда ва ғайризиндаро дар мисоли табиати Тоҷикистон ва маҳали зисти худ тадқиқ менамояд. |
| 1.1.2. Муносибати ғамхоронаи инсонро нисбати табиат дар мисоли наботот ва ҳайвоноти хонагӣ нишон медиҳад. | 2.1.2. Муносибати оқилона ва нооқилонаи инсонро нисбати табиат фарқ мекунад ва шарҳ медиҳад. | 3.1.2. Таъсири истифодаи нодурусти унсурҳои табиатро шарҳ дода, роҳҳои муҳофизати онро нишон медиҳад. | 4.1.2. Нақши инсонро дар нигоҳ доштани вазъи экологии сайёраи Замин шарҳ дода, оид ба ҳифзи табиати Тоҷикистон ва маҳали худ таҷрибаҳои хубро кор карда, онро амалӣ менамояд. |
| **Инсон ва ҷамъият** | | | |
| 1.2.1. Маълумотро оид ба «Ватан» ба хотир оварда, тағйиротро дар зиндагии ҷомеа ва оила муайян мекунад. | 2.2.1. Оид ба Тоҷикистон ва баъзе кишварҳои ҷаҳон маълумот дода, хусусияти аҳолии онҳоро шарҳ медиҳад. | 3.2.1. Роҳҳои омӯзиши мавқеи географӣ, тақсимоти маъмурӣ, кишварҳои ҳамсоя ва хусусиятҳои аҳолии Тоҷикистонро нишон медиҳад. | 4.2.1. Таъсири хусусиятҳои мавқеи географии Тоҷикистонро барои рушди иқтисодиёти кишвар ва муайян кардани мавқеи Тоҷикистон дар ҷаҳон таҳқиқ менамояд. |
| **Қоидаҳои бехатарии ҳаёт** | | | |
| 1.3.1. Ашёи одии хатарноки атрофро муайян карда, хусусияти хатарнокии онҳоро мефаҳмонад. | 2.3.1. Аз рӯи хусусияти хатарнокӣ ашё ва ҳодисаҳои атрофро гурӯҳбандӣ мекунад. | 3.3.1. Оид ба нишон додани омилҳои беҳдошт, зиёновар ва хатарнок барои саломатии инсон корҳои муайянро иҷро мекунад. | 4.3.1. Оид ба қоидаҳои бехатарии ҳаёт таҷрибаи хубро кор карда онро амалӣ менамояд. |

**Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Табиатшиносӣ” барои синфи 1-ум**

### Инсон ва табиат

1.1.1. Хусусияти одии баъзе унсурҳои табиати зинда ва ғайризиндаро муайян мекунад ва мегӯяд.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– мафҳуми табиат ва олами атрофро шарҳ дода метавонад;
– аз рӯи хусусиятҳо ашёи атрофро аз ҳам фарқ мекунад;
– истифодаи баъзе ашёи ғайризиндаи табиӣ ва мавҷудоти зиндаро аз тарафи инсон мефаҳмонад;
– мушоҳидаҳои ҳаётии худро оид ба ашёи атроф нақл мекунад;
– баъзе ашёи табииро номбар кунад ва аз рӯи расм онҳоро мешиносад;
– тарзи зиндагии баъзе намуди мавҷудоти зиндаро шарҳ медиҳад;
– сабабҳои пайдоиш ва тағйирёбии ҳодисаҳои одии олами атрофро бо суханони худ шарҳ медиҳад;
– вобаста ба мазмуни омӯхташаванда аз расму тасвирҳо мувофиқи мақсад истифода мебарад.

1.1.2. Муносибати ғамхоронаи инсонро нисбати табиат дар мисоли наботот ва ҳайвоноти хонагӣ нишон медиҳад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– ҳайвонҳо ва нabототи хонагиро номбар мекунад;
– хусусияти хонагӣ будани онҳоро бо суханони худ шарҳ медиҳад;
– аз рӯи расм ҳайвонот ва нabототи хонагиро нишон медиҳад;
– зарурати муҳофизати наботот ва ҳайвонҳои хонагиро бо суханони худ мегӯяд;
– аз рӯи расм намудҳои гуногуни нabототу ҳайвоноти хонагиро нишон медиҳад;
– оид ба роҳҳои ҳифзи растанӣ ва ҳайвони дилхоҳаш маълумот медиҳад;
– расми ҳайвон ё растании хонагии дилхоҳро мекашад.

### Инсон ва ҷамъият

1.2.1. Маълумотро оид ба «Ватан» ба хотир оварда, тағйиротро дар зиндагии ҷомеа ва оила муайян мекунад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– мафҳуми «Ватан»-ро шарҳ дода, номи ватани хешро мегӯяд;
– хусусиятҳои одии ифтихори ватандориро номбар мекунад;
– Тоҷикистонро ҳамчун ватани худ ва Душанберо ҳамчун пойтахти ватани худ мешиносад;
– ҷойгиршавии мактабро нисбати хонаи худ мегӯяд;
– ҳангоми ба мактаб рафтан қоидаҳои одобу саломро риоя мекунад;
– оид ба таърихи пайдоиши баъзе воситаҳои зарурии инсон маъумот медиҳад;
– аҳамияти истифодаи воситаҳои техникӣ ва нақлиёти гуногунро барои ҳаёти инсон мефаҳмонад;
– аз расму тасвирҳо истифода бурда, фикри худро баён карда метавонад.

### Қоидаҳои бехатарии ҳаёт

1.3.1. Ашёи одии хатарноки атрофро муайян карда, хусусияти хатарнокии онҳоро мефаҳмонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

– аз рӯи хусусиятҳо ашёҳои хонаро фарқ мекунад;

- ашёҳои хатарноки атрофи худро номбар мекунад;
- хусусияти хатарнокии онҳоро шарҳ медиҳад;
- тарзи дурусти муносибатро бо ашёҳои хатарнок нишон медиҳад;
- дар ҳаёт аз ашё ва таъсироти хатарноки кӯча эҳтиёт мешавад;
- зарурати ҳифзи муҳити атрофро бо суханони худ мефаҳмонад;
- хонаи худ ва синфхонаро тоза нигоҳ медорад;
- омилҳои беҳдошти саломати инсонро номбар мекунад;
- аҳамияти истеъмоли меваю сабзавот ва ғизои тозаро ба саломатии инсон шарҳ медиҳад;
- тарзи тоза нигоҳ доштани дандон ва дастонро бо мисолҳо асоснок кунад ва аз рӯи расму тасвирҳо нишон медиҳад.

**Намунаи нақшаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор аз фанни "Табиатшиносӣ" барои синфи 4**

§ 7. Хок дар ҳаёти инсон чӣ аҳамият дорад? (1 соат)
Салоҳият:
- Муносибати мутақобилаи ашёи зинда ва ғайризиндаро дар мисоли табиати Тоҷикистон ва маҳали зисти худ тадқиқ менамояд.

**Мақсадҳои таълим.** Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:
- аҳамияти хокро барои ҳаёт ва фаъолияти инсон фаҳмонанд;
- роҳҳои истифодаи хокро аз тарафи инсон шарҳ диҳанд;
- тарзҳои ҳосилхез кардани хокро гӯянд;
- оид ба истифодаи хок аз тарафи мардуми маҳали худ маълумот диҳанд.

**Барнома.** Хок дар табиат. Аҳамияти хок барои инсон. Истифодаи хок дар корҳои хоҷагидорӣ. Роҳҳои дурусти истифодабарӣ ва ҳосилхез кардани хок. Мушоҳида, муқоиса ва таҳлил. Кор бо матн, воситаҳои тасвирӣ ва расму тасвирҳо. Алоқаманд кардани мазмуни матн бо ҳаёти воқеӣ. Бозиҳои таълимӣ ва дамгирӣ.

Равиши дарс.
1) Дарсро аз бедор кардани донишҳои пешинаи хонандагон оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода баред:
   - Хок чист?
   - Таркиби хок аз чӣ иборат аст?
   - Кадом намудҳои хокро медонед?
   - Хокро дар куҷо дучор омадан мумкин аст?
   - Хок дар ҳаёти мо барои чӣ лозим мешавад?
2) Шиносоии кӯтоҳ бо намудҳои хок ва таркиби хок. Хонандагонро бо хусусиятҳо, таркиб ва намудҳои хок ба таври мухтасар шинос кунед. Донишҳои аз синфи 3 бадастовардаи онҳоро ба хотирашон оред ва барои омӯзиши маводи нав замина омода кунед. Оид ба истифодаи хок маълумот диҳед. Аз расму тасвирҳои дастрас истифода баред.
3) Кори гурӯҳӣ. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед. Аз онҳо хоҳиш кунед, ки бо матн кор кунанд. Аз рӯи матн ба гурӯҳҳо чунин супориш диҳед:
   - ✓ Матнро бодиққат хонед ва бо мазмуни он шинос шавед;

- ✓ Мазмуни матнро бо истифодаи ягон воситаи навишторӣ (нақша, тасвир ва ғайра) нишон диҳед;
- ✓ Коратонро муаррифӣ кунед.

Дар вақти муаррифии гурӯҳҳо байни хонандагон муҳокимарониро ба роҳ монед. Ҷойҳое, ки маълумоти муҳим дорад, диққати бештар диҳед ва агар лозим шавад худатон пурра кунед.

4) Хулосаи кори анҷомдодашуда. Бо хонандагон маълумоти бадастомадаро ба тартиби муайян дароред ва хулоса кунед.
5) Лаҳзаи дамгирӣ.
6) Мустаҳкамкунии донишу малака. Оид ба масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб намоед ва дониши онҳоро мустаҳкам кунед. Ҳангоми саволу ҷавоб аз кластер истифода бурда метавонед.

Намунаи кластер:




7) Навиштани фаҳмишҳои асосии мавзӯъ. Масъалаҳои асосии мавзӯъро бо овози баланд хонед (дикта кунед), аз хонандагон хоҳиш кунед, ки онро дар дафтарашон нависанд. Онҳоро таъкид кунед, ки ин маълумотро дар хотир гиранд.

Масъалаҳои асосии мавзӯъ:

- Ҳосилнокии хок инкишофи растаниҳоро таъмин мекунад.
- Одам аз хок қариб ҳама чизи лозимиашро ба даст меорад.
- Хокро асосан барои рӯёнидани ҳосили зироат, бунёди боғ ва корҳои сохтмонӣ истифода мебаранд.
- Заминҳое, ки хоки онҳо барои зироаткорӣ номувофиқанд ҳамчун чарогоҳ истифода мешаванд.

8) Дарсро ҷамъбаст намуда, меҳнати хонандагонро қадр кунед.
9) Супориши хонагӣ.
   - Оид ба истифодаи хок дар оилаи худ маълумотномаи мухтасар нависед.

**Арзёбӣ.** Дар раванди дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти

таълимии хонандагонро аз рӯйи саволу супоришҳо ва тестҳои зер арзёбӣ карда метавонед.

Намунаи саволу супоришҳо:

- Кадом хосиятҳои хокро номбар карда метавонед?
- Аҳамияти хок барои инсон аз чӣ иборат аст?
- Оид ба истифодаи хок якчанд мисол оред.
- Намудҳои хокро номбар кунед ва хусусияти сиёҳхокро шарҳ диҳед.
- Аҳамияти чарогоҳро фаҳмонед.

Намунаи тестҳо:

1. Ҷумларо пурра кунед (калимаи партофташударо ёбед).

Хок манбаи асосии ғизо, боигарии асосӣ мебошад, ки ҳаёти одамон аз он ____________ аст. (Ҷавоб: вобаста)

2. Мувофиқа кунед (ҷавоби дурустро аз сутуни рост ёбед).

Мувофиқатии маълумотро оид ба хок ва тарзи истифодааш муайян кунед:

| | |
|---|---|
| 1. Бобоҳои мо | А. Барои ҳосил шудани 1 см хок лозим аст |
| 2. Ранги хок | Б. Аз хок деворҳои лойин месохтанд |
| 3. 100-300 сол | В. Дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷойгиранд |
| 4. Чарогоҳҳо | Г. Сиёҳхок, хокистарӣ, сурххок |

(Ҷавоб: 1-Б; 2-Г; 3-А; 4-В)

3. Ҳарфи ҷавоби дурустро интихоб кунед

Кадом намуди хок аз ҳама серҳосил мебошад?

А. Сафедхок

Б. Сиёҳхок

В. Хоки хокистарранг

Г. Сурххок

(Ҷавоб: Б)

**Замима ба китоби дарсии фанни “Табиатшиносӣ” барои синфи 4.**

Супориши 1. Кор дар гурӯҳҳо. Матнро бодиққат хонед ва бо мазмуни он шинос шавед. Мазмуни матнро бо истифодаи ягон воситаи навишторӣ (нақша, тасвир ва ғайра) нишон диҳед. Коратонро муаррифӣ кунед.

Хок

Хосияти асосии хок ҳосилнокии он мебошад. Ҳосилнокии хок инкишофи растаниҳоро таъмин мекунад.

Нақши хок дар ҳаёти инсон ниҳоят калон аст. Одам аз хок қариб ҳама чизи лозимиашро ба даст меорад. Хок манбаи асосии ғизо, боигарии асосӣ мебошад, ки ҳаёти одамон аз он вобаста аст. Хок воситаи асосии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва соҳаи ҷангал ба ҳисоб меравад. Хокро инчунин дар сохтмон истифода мебаранд. Бобоҳои мо ҳангоми сохтани хона деворҳои онро аз лой (хоки бо об омехташуда)

месохтанд. Болои боми хонаҳоро бо омехтаи хок ва коҳ андова мекарданд. Ин гуна хонаҳоро ҳоло ҳам дар деҳот месозанд.

Хокро аз рӯи ранг ба якчанд намуд ҷудо мекунанд - сиёҳхок, хоки хокистарранг, сурхчатоб ва ғайра. Кадом намуди хок аз ҳама серҳосил аст? Сиёҳхок аз ҳама серҳосил мебошад. Сабаб дар он аст, ки таркиби он поруи зиёд дорад. Сиёҳхок асосан дар минтақаҳои дашт паҳн шудааст. Аз ин хотир марказҳои асосии зироаткории ҷаҳонӣ низ дар даштҳо ҷойгир аст.

Ҳар сол дар ҷаҳон миллионҳо тонна гандум, ҷав, лӯбӣ, ҷуворимакка ва меваю сабзавот ба даст меоранд, ки ҳамаи онро аз ҳисоби заминҳои ҳосилхез, яъне хок мерӯёнанд. Дар сурати истифодаи дурусти хок ҳосили баланд гирифтан мумкин аст. Ҷараёни пайдоиши хок дуру дароз аст. Қабати хоки ғафсиаш 1 сантиметра дар шароитҳои гуногуни табиӣ муддати аз 100 то 300 сол ба вуҷуд меояд. Вобаста ба намуди хок парвариши ин ё он зироат ба роҳ монда мешавад. Барои серҳосил кардани заминҳои корам ба он поруи ҳайвон ва нуриҳои минералӣ меандозанд.

Вобаста ба релефи маҳал намуди хок ва ҳосилнокии он тағйир меёбад. Масалан, агар дар дашту ҳамвориҳо сиёҳхоки ҳосилхез паҳн шуда бошад, ҳангоми ба баландиҳо баромадан хокҳои хокистарранг ва боз баландтар, хокҳои сурхчатоби марғзори кӯҳиро дучор омадан мумкин аст.

Заминҳое, ки дар онҳо аз сабаби хунук будани ҳаво ва камҳосилии хок кишту кор карда намешавад, ҳамчун чарогоҳ барои чорводорӣ истифода мебаранд. Чарогоҳҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ зиёданд. Дар фасли тобистон одамон чорвояшонро ба чарогоҳҳои тобистона бурда, то хунук шудани ҳаво он ҷо нигоҳ медоранд.

Супориши 2. Дар бораи аҳамияти хок якчанд ҷумла нависед.
Намуна: Хок барои кишту кори зироат истифода мешавад.

Супориши 3. Фикр кунед ва табодули андеша намоед.

- Бо ёрии омӯзгор муайян кунед, ки дар маҳали шумо кадом намуди хокҳо мавҷуданд.
- Бо рафиқатон маслиҳат карда, фаҳмед ки мардуми маҳали шумо хокро бо кадом мақсад истифода мебаранд.
- Натиҷаҳои ба дастомадаро дар дафтар нависед.

### ИН АҶИБ АСТ!

38 фисади заминҳо дар ҷаҳон истифода бурда мешаванд. Аз ин миқдор 11 фисади сатҳи замин барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ (ғалладонагиҳо, боғҳо) ва 27 фисади онҳо ҳамчун чарогоҳҳо истифода мешаванд.

### ЛУҒАТ

**Нуриҳои минералӣ** – онро дар соҳаи саноати кимиё истеҳсол мекунанд. Якчанд намуд мешаванд, ки баъзеашро дар фасли баҳор ва баъзеашро дар фасли тирамоҳ ба замин пошида, шудгор мекунанд.

**Чарогоҳ** – қитъаҳои замине, ки дар он чорвои калон ва моли майдаро мечаронанд.

**Ҷадвали салоҳиятҳои фанни "Суруд ва мусиқӣ" барои синфҳои 1-4**

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Сурудан ё иҷро кардан** | | | |
| 1.1.1.Қоидаҳои аввалияи сурудан ва машқҳои овозиро иҷро карда тавонад | 2.1.1.Қоидаҳои дурусти сурудан (форам ва чӯр)-ро иҷро карда тавонад | 3.1.1. Ҳангоми сурудан нафаси мусиқӣ ва сарфи он, тағании нарм, гуворо ва пайвастро дуруст иҷро карда тавонад | 4.1.1. Бо истифода аз қоидаҳои сурудан дар ду овоз суруда тавонад |
| **Шунидани мусиқӣ** | | | |
| 1.2.1.Ҳангоми шунидани асарҳои мусиқии кӯдакона одитарин образҳоро тасаввур карда тавонад | 2.2.1. Ҳангоми шунидани асарҳо мусиқии хушҳолона ва ғамангез фарқияти онҳоро муайян ва бо сухан баён карда тавонад. | 3.2.1.Ҳангоми шунидани асарҳои мусиқӣ образҳоро тасаввур намуда, ҳиссиёти шахсии худро ифода созад | 4.2.1. Образҳоро дар асарҳои мусиқӣ тасаввур намуда, онро ба таври эҷодӣ баён ва тасвир карда тавонад |
| **Маърифати мусиқӣ** | | | |
| 1.3.1. Унсурҳои одии ишоравии мусиқӣ ва қонуниятҳои онро донад ва иҷро намояд. | 2.3.1. Унсурҳо ва қонуниятҳои одии навишти мусиқӣ (аломатҳои мусиқӣ (нотаҳо))-ро медонад ва иҷро намояд. | 3.3.1. Тамдиди садо, парда ва нимпарда, қаторовозро навишта, зинаҳои устувор ва ноустуворро муайян карда тавонад. | 4.3.1. Аломатҳои тағйирдеҳ ва динамикиро донад ва таркиби сурудҳои дуовозаро бо нотаҳо ҷудо карда тавонад |
| **Эҷоди мусиқӣ** | | | |
| 1.4.1. Оҳангҳои одиро месарояд, ҳаракатҳои мусиқию зарбиро эҷодкорона иҷро намояд. | 2.4.1. Овозҳои мусиқиро мегӯяд, месозад, интихоб мекунад ва ба шаклҳои одии ишоравӣ (нотаҳо) овозҳоро ташкил кунад. | 3.4.1. Бадоҳатан банди мусиқиро иҷро мекунад, овозҳоро ташкил мекунад ва сабаби интихобро фаҳмонад. | 4.4.1. Дар заминаи қонуниятҳои мусиқӣ, овозҳои лозимаро меёбад, месанҷад, бадоҳатан иҷро мекунад ва порчаи мусиқии худро эҷод кунад. |

**Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Суруд ва мусиқӣ” барои синфи 3**

| **Синфи 3** |
|---|
| **Сурудан ё иҷро кардан** |
| 3.1.1. Ҳангоми сурудан нафаси мусиқӣ ва сарфи он, тағании нарм, гуворо ва пайвастро дуруст иҷро карда тавонад<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– қоидаҳои нафасгирӣ ва сарфи онро дуруст иҷро менамояд;<br>– қаторовоз (до, ре, ми, фа, сол, ля, си)-ро гуворо сароида метавонад;<br>– се овози асосии гаммаи до-мажор (до, ми, сол)-ро ба таври мелодикӣ месарояд;<br>– аломати легаторо ҳангоми сурудан дуруст иҷро намуда метавонад;<br>– матни сурудро вобаста ба аломатҳои динамикии он дуруст иҷро менамояд. |
| **Шунидани мусиқӣ** |
| 3.2.1. Ҳангоми шунидани асарҳои мусиқӣ образҳоро тасаввур намуда, ҳиссиёти шахсии худро ифода созад<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– тасвири образҳоро дар асари шунида шарҳ медиҳад;<br>– нақши созҳои мусиқиро дар тасвири образҳо шарҳ медиҳад;<br>– дар муқоисаи асарҳо ва жанрҳои гуногун муносибати худро баён менамояд;<br>– вобаста ба дарки асари шунида, образҳоро бо воситаҳои гуногун (баён, тасвир, имову ишора) баён менамояд. |
| **Маърифати мусиқӣ** |
| 3.3.1. Тамдиди садо, парда ва нимпарда, қаторовозро навишта, зинаҳои устувор ва ноустуворро муайян карда тавонад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– шаклҳои гуногуни нотаҳоро ҳамчун тамдиди одии садоҳо шарҳ дода метавонад;<br>– аломатҳои тамдиди садоро донад ва дар нотагоҳ навишта метавонад;<br>– парда ва нимпардаро шарҳ дода метавонад;<br>– тарзи навишт ва ҷойгиршавии қаторовозро дар нотагоҳ медонад ва зинаҳои устувору ноустуворро муайян менамояд. |
| **Эҷоди мусиқӣ** |
| 3.4.1. Бадоҳатан банди мусиқиро иҷро мекунад, овозҳоро ташкил мекунад ва сабаби интихобро фаҳмонад<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– як банди шеърро бадоҳатан месарояд;<br>– овозҳои бадоҳатан сароидаашро менависад;<br>– вобаста ба оҳанги сароидааш нотаҳо ва тамдиди онҳоро нишон медиҳад;<br>– оҳанги эҷодкардаашро дар як банд муаррифӣ менамояд. |

**Намунаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор аз фанни “Суруд ва мусиқӣ” барои синфи 2**

Мавзӯи 2. Забони мусиқиро меомӯзем – 2 соат
Салоҳиятҳо:

- қоидаҳои дурусти сурудан (форам ва ҷӯр)-ро иҷро карда тавонад;
- унсурҳо ва қонуниятҳои одии навишти мусиқӣ (аломатҳои мусиқӣ, нотаҳо)-ро медонад ва иҷро намояд;
- ҳангоми шунидани асарҳо мусиқии хушҳолона ва ғамангез фарқияти онҳоро муайян ва бо сухан баён карда тавонад.
- овозҳои мусиқиро мегӯяд, месозад, интихоб мекунад ва ба шаклҳои одии ишоравӣ (нотаҳо) овозҳоро ташкил кунад.

**Мақсади дарс,** хонандагон бояд:

- ҳангоми сароидан овозашонро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр намояд;
- навишти нотаҳои фа, сол, ля ва си-ро тавонад;
- ақидаи худро нисбати порчаи асари шунида баён карда тавонад.

**Барнома.** Навишти нотаҳои фа, сол, ля ва си дар нотагоҳ. Репертуар: барои иҷро:“Офарин”-шеъри Нозирҷон Боҳирӣ, оҳанги Ҷурабой Охунов, барои шунидан: “Шаҳри Душанбе”-мусиқии Фирӯз Баҳор, шеъри Муқаддас Искандаров.

**Равиши дарс.** Дар поён баъзе тавсияҳои методиро оид ба гузаронидани мавзӯи мазкур пешниҳод менамоем. Боварӣ дорем, ки Шумо ба он вобаста ба қобилияти хонанагон ва шароити муассиса тағйиру иловаҳо ворид месозед.

Дарси якум

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан бо мусиқӣ ба дарс. Ба ҷо овардани одоби салом. Шиносоӣ бо мақсади дарс: “Мо дар дарсҳои қаблӣ дар бораи ду забон сӯҳбат доштем, имрӯз онро идома медиҳем. Ба мисли алифбо, ки ҳарфҳоро бо навбат меомӯзем, навишти садои мусиқиро, ки бо ҳафт нота ифода меёбад, идома медиҳем. Сипас банди сурудеро замзама намуда, доир ба пойтахти азизи кишварамон, ки мусиқии Фирӯз Баҳор аст, оҳангеро мешунавем ва онро таҳлил мекунем.
2) Навиштани нотаҳои фа, сол, ля ва си-ро аввал нишон дода шарҳ диҳед. Масалан: *намунаи 1.* Нотаи фа дар байни хатҳои якуму дуюми нотагоҳ навишта мешавад.



Сипас навишти онро дар асоси намунаи нишон додаатон барои дар дафтар машқ намудан, дастур диҳед. Намунаи онро чунин истифода бурдан мумкин аст:



*Намунаи 2.* Ё аз чунин методика истифода баред: тасавур намоед, ки панҷ хати нотагоҳ ба мисли панҷаи мо аст. Ба ангушти дуюми мо нигаред, нотаи сол дар рӯйи он ҷойгир аст (бо расм чунин нишон додан мумкин аст).



Баъд аз он навишти нотаҳоро дар нотагоҳ ва садои онро дар фортепиано ва ё забонак (клавиш)-ҳои аккордеон нишон додан мумкин аст. Инчунин, агар сози мусиқӣ надошта бошед, пас ҳангоми нишон додани номи нота ва навишти онҳо расми забонакҳои сози мусиқиро дар расм вобаста ба он нишон диҳед. Дар китобҳои дарсӣ ин расмҳо мавҷуданд, аммо шумо метавонед ба мисли асбоби аёнӣ онро аз картон ва ё қоғази сахт омода намуда, ба хонандагон нишон диҳед.

3) Иҷрои суруди "Офарин" – шеъри Нозирҷон Боҳирӣ. Пеш аз оғози азхуднамоии банди аввали суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Сипас аз тавсияҳои қисмати "Таълими малакаҳои сурудан" истифода бурда, омӯзиши банди якуми сурудро тибқи вазифаҳои "*I.Оғози азхудкунӣ*", "*II.Шунидан-шиносоӣ*" ва "*IV. Азхуднамоӣ*" ба роҳ монед.

Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки аз матни шеър номи нотаҳоро ёфта дар дафтар нависанд ва сипас ҳамроҳи онҳо нотаро форам ва ҷӯр сароед.

4) Шунидани мусиқӣ: "Шаҳри Душанбе"- мусиқии Фирӯз Баҳор. Ин лаҳзаи дарсро бо усули "Мулоҳизаи аввалини ман оид ба мусиқии шунида" гузаронед. Бе шарҳ ва бе номи асар аз шунидан оғоз намоед. Пеш аз шунидан чунин супориш диҳед: ҳангоми шунидан бояд дар бораи якчанд масъала шумо бояд ҷавоб ёбед. Яъне, ба саволҳои "Оҳангсоз бо садои мусиқӣ кадом ҳиссиётҳоро баён кардан меҳоҳад? Ба мо дар бораи чӣ нақл кардан мехоҳад?" ҷавоб пешниҳод намоед.

Баъд аз шунидан доир ба саволҳои гузошта сӯҳбат ташкил намоед. Инчунин, дар бораи писанд омадан ё наомадани асари мазкур саволгузорӣ намоед.

**Арзёбӣ.** Барои санҷидани малакаи сурудан аз усули дар назди лавҳи синф ба таври инфиродӣ истифода баред. Вобаста ба фаъолияти ба ҳамдигар баҳо додан ин фаъолиятро бо якчанд хонанда дар ду се дақиқа ташкил намоед. Вобаста ба қисматҳои маърифати мусиқӣ ва шунидан қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ намуда, сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати онҳоро бо назардошти он баҳогузорӣ намоед. Агар вақт имкон диҳад, дар қисмати маърифати мусиқӣ чунин тарзи саволро барои дақиқ намудани баҳои гузошта истифода бурда метавонед:

*Намунаи 1.* Номи нотаҳоро бо тартиб навис.



*Намунаи 2.* Аз навишти нотаҳои зерин нотаи *ля* –ро муайян намо. Калиди *сол*-ро дар нотагоҳ навишта, нотаи *ля*-ро бо шаклҳои гуногун навис.



Меъёрҳо барои санҷиш:

– ҳангоми сароидан овозашонро ба оҳанги мусиқӣ ҷӯр намояд;
– нотаҳои фа, сол, ля ва си-ро дуруст навишта тавонад;
– ақидаи худро нисбати порчаи асари шунида баён карда тавонад.

Дарси дуюм

1) Қисмати ташкили дарс: ворид шудан ба дарс бо мусиқӣ. Ба ҷо овардани одоби салом. Ба хотир овардани мақсадҳои дарс ва баррасии он бо хонандагон.

2) Шунидани мусиқӣ: "Шаҳри Душанбе"- мусиқии Фирӯз Баҳор. Ин лаҳзаи дарсро бо фаъолияти "Аз ҳама бодиқат" оғоз намоед. Порчаи оҳангро бо тартиби дуруст ва маротибаи дуюм бо иваз намудани он истифода баред ва савол диҳед: "Кадоме аз ин

порчаи шунидаи асар бароятон шинос аст?”, “Кадоме дуруст ва кадоме ғалат аст?”, “Чӣ ном дорад?”, “Кӣ онро эҷод кардааст?” ва ғайра. Доир ба ҳаёт ва фаъолияти оҳангсоз Фирӯз Баҳор мухтасар маълумот диҳед.  Аз хонандагон пурсед, ки боз кадом асарҳои Ф. Баҳорро медонанд. Тасаввуроти онҳоро дар бораи шаҳри Душанбе шунавед. Тартиби қисматҳои шунидани мусиқиро истифода бурда, тасавуроти хонандагонро доир ба асари пешниҳодшуда мустаҳкам намоед.

3) Давоми иҷрои суруди “Офарин” – шеъри Нозирҷон Боҳирӣ. Пеш аз оғози азхуднамоии банди дуюми суруд машқи хурди овозӣ гузаронед. Сипас аз тавсияҳои қисмати “Таълими малакаҳои сурудан” истифода бурда, омӯзиши сурудро тибқи вазифаҳои “III.Муҳокима”, “IV. Азхуднамоӣ” ва “V. Сурудан” ба роҳ монед.

4) Маърифати мусиқӣ. Машқҳои гуногуни навишти нотаҳоро ба таври ребусҳо, саволномаҳо ва бозиҳои гуногуни мусиқӣ ташкил намоед. Якчанд гунаи онро мо ба шумо пешниҳод менамоем, ки дар асоси он гунаҳои худро таҳия намуда, истифода баред:

1. ***Бозӣ бо калимаҳо***. Муайян намо, ки номаи кадом нота партофта шудааст ва онро илова намо:



__ тора

Ко __ ла

___ сид

___ тир

им ___

2. ***Забонак (клавиш)-ҳои фортепиано***. Номи нотаҳоро дар забонакҳои фортепиано навис ва онро бо рангҳои гуногун ифода намо.



3. ***Мувофиқнамоӣ:*** вобаста ба навиштаҷот дар нотагоҳ номи нотаҳоро мувофиқ намо:



ДО РЕ МИ ФА СОЛ ЛА СИ

**Ҷамъбаст ва арзёбӣ.** Дар дарси мазкур вобаста ба қисматҳои сурудан ва шунидани мусиқӣ қайдҳои дар раванди дарс анҷомдодаро ба хонандагон муаррифӣ намуда, сифатҳои азхудкунӣ ва малакаву маҳорати онҳоро бо назардошти он баҳогузорӣ намоед. Иҷрои супоришҳоро аз маърифати мусиқӣ низ ба сифати баҳодиҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Ҷадвали салоҳиятҳои фанни “Санъат ва меҳнат” барои синфҳои 1-4**

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Иҷрои амалҳо** | | | |
| 1.1.1. Як ё ду воситаи санъатро ба таври сода истифода бурда метавонад. | 2.1.1. Якчанд воситаи санъатро ба таври сода истифода бурда метавонад. | 3.1.1. Воситаҳои бештари санъатро истифода бурда метавонад. | 4.1.1. Миқдори зиёди воситаҳои санъатро истифода бурда метавонад. |
| **Эҷод** | | | |
| 1.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад. | 2.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври сода эҷод карда метавонад. | 3.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад. | 4.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад. |
| **Арзёбӣ** | | | |
| 1.3.1. Намунаҳои мушаххаси санъатро бо роҳҳои хеле сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад | 2.3.1. Намунаҳои маъмули санъатро бо роҳҳои сода арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад. | 3.3.1. Намунаҳои мушаххас ва тахаюлии санатро бо як чанд роҳ арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад. | 4.3.1. Намунаҳои тахаюлии санъатро бо роҳҳои гуногун арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад. |

**Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Санъат ва меҳнат” барои синфи 3**

**Иҷрои амалҳо**

3.1.1. Воситаҳои бештари санъатро истифода бурда метавонад.

Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:

- шаклҳои гуногуни геометриро тасвир ва сохта метавонад;
- ҷадвал, қаламҳои ранга, одӣ, фломастер ва ранг (краска)–и гуашро дуруст ва бо боварии бештар истифода бурда метавонад;
- 1-2 рангро омехта карда, ранги нав ҳосил менамояд;
- бо муқалам манзараҳои содаи табиатро тасвир карда метавонад;
- расмҳои ҳайвонот, манзараҳо ва олами обиро тасвир карда метавонад;
- ҳиссиёташро ба таври сода ба воситаи тасвирнамоӣ иброз карда метавонад;
- расми тасвиркардаашро бо қаламҳои ранга ва муқалам бомаврид ранг карда метавонад;
- расмҳоро бо қалами сиёҳ бо усули штрих ба таври сода тасвир карда метавонад;
- аз гил ва пластилин, қоғаз, картон ва маснуоти табиӣ ашёҳои гуногунро моделсозӣ менамояд;
- бо қоғаз ва картон усули оригами ва апликатсияро истифода бурда метавонад
- намудҳои гуногуни ширешро истифода бурда метавонад;
- қайчиро дуруст истифода бурда метавонад (аз матоъ, ришта, қоғаз ва картон қолабҳои гуногунро сарфакорона бурида метавонад);
- қоғаз, картон, гил, пластилин, матоъ, ришта, маснуоти табиӣ ва дигар ашёҳоро ҳамчун воситаи ородиҳӣ истифода бурда метавонад.
- сӯзанро ба таври сода (риштаро ба сӯзан гузаронидан, бо усули оддӣ дӯхтан, тугмаро ба

| |
|---|
| матоъ дӯхтан ва ғ. ) истифода бурда метавонад;<br>– амалҳояшро пешакӣ ба нақша мегирад;<br>– намунаҳои кори худро такроран монанд ҳосил карда метавонад;<br>– ба қоидаҳои тозагӣ ва бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои тез ва воситаҳои санъати тасвириву ородиҳӣ риоя мекунад;<br>– мафҳумҳои фан (сюжа, натюрморт, қолаб, штрих, модел ва ғ.)-ро дарк кунад ва ҳангоми ичрои супориш ва баёни фикр дуруст истифода мебарад. |
| **Эҷод** |
| 3.2.1. Дар доираи мавзӯъҳои гуногун ғояи навро эҷод карда метавонад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– ба олами атроф (ашёҳо, табиат, манзараҳо) нигоҳи эъҷодӣ дошта бошад;<br>– ҳиссиёти худро бо баъзе воситаҳои санъат иброз менамояд;<br>– дар доираи мавзуъҳои тахаюлӣ ғоя (идея)-ҳои нав эъҷод намояд ва онро шарҳ медиҳад. |
| **Арзёбӣ** |
| 3.3.1. Намунаҳои мушаххас ва тахаюлии санатро бо як чанд роҳ арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– намунаҳои эҷодиёти мушаххас ва тахаюлиро таҳлил, тафсир ва муқоиса менамояд;<br>– ба натиҷаи кори худ баҳо дода метавонад;<br>– намудҳои гуногуни меҳнатро донад ва онро қадр карда метавонад;<br>– моҳият ва таъсири баъзе намудҳои сантъатро дарк карда, муносибати худро нисбати онҳо шарҳ медиҳад. |

**Намунаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор барои фанни "Санъат ва меҳнат" барои синфи 1**

**Мавзӯъ: Ҷамъоварии ҳосил**

**Салоҳиятҳо**:

- як ё ду воситаи санъати тасвириро ба таври хеле содда истифода бурда метавонад;
- дар доираи мавзӯъҳои маҳдуд ғояи навро ба таври хеле сода эҷод карда метавонад;
- намунаҳои мушаххаси санъатро бо роҳҳои хеле содда арзёбӣ намуда, онро шарҳ дода метавонад.

**Мақсадҳои дарс. Хонанда:**

- ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда тавонад;
- дар бораи ҳосилғундории фасли тирамоҳ маълумот дода тавонад;
- дар кори гурӯҳи фаъолият карда тавонад;
- меваҳоро аз сабзавот фарқ карда тавонад;
- мева ва забзавотро гурӯҳбандӣ карда тавонад;
- меваҳо ва сабзавоти шаклан сода (даврашакл, дарозрӯя ) -ро тасвир карда тавонад;
- меваҳо ва сабзавоти тасвиркардаашро бо ранги муносиб ранг карда тавонад;
- аз хотирааш расми сабзавот ё меваҳоро тасвир ва ранг карда тавонад.

**Барнома**. Дар ин дарс хонандагон дар бораи ҳосили тирамоҳ суҳбат карда, дар бораи меваҳо ва сабзавот маълумот мегиранд. Бо хонандагон бозии "Чорумаш бегона" бо мақсади беҳтар аз худ кардани фарқияти меваҳо аз сабзавот гузаронида мешавад. Инчунин хонандагон методикаи тасвир намудани меваҳо ва

сабзавотро меомӯзанд. **Аёният**: кортҳо бо расмҳои меваҳо ва сабзавот. **Таҷҳизоти зарурӣ**: дафтари расм, қалами оддӣ, қаламҳои ранга, хаткӯркунак.

**Равиши дарс:**

1) Суҳбат дар бораи ҳосили тирамоҳ. Бо хонандагон оид ба ҳосили тирамоҳӣ сӯҳбат намоед. Бо онҳо саволу ҷавоб намоед.

*Ангезиши зеҳн:*

*"Барои чӣ дар тирамоҳ кори деҳқон зиёд мешавад? Барои чӣ фасли тирамоҳро фасли ҳосилгундорӣ мегӯянд? Дар фасли тирамоҳ кадом намуди ҳосилро ҷамъ мекунанд? "*

*Кори гурӯҳӣ:*

Хонандагонро ба чор гурӯҳ тақсим намоед ва ба гурӯҳҳо супориш диҳед, ки аз рӯи расмҳои китоб нақл эҷод кунанд. Ба ҳар як гурӯҳ яктогӣ расми китобро вобаста кунед.

Шиносоӣ бо меваҳо ва сабзавот. Бо хонандагон бозии "Чорумаш бегона"гузаронед. Кортҳоро, ки дар он расми чор меваю сабзавот тасвир карда шудааст, пешакӣ тайёр намоед. Аз ин чор меваю сабзавот бояд яктоаш зиёдатӣ бошад, яъне як ашё ба се ашёи боқимонда мувофиқат накунад. Масалан, сетоаш меваю, яктоаш сабзавот, ё инки сетоаш сабзавоту яктоаш мева. Хонандагонро ба гуруҳҳо ҷудо намоед ва ба ҳар як гуруҳ кортҳоро баробар тақсим кунед. Гурӯҳҳо ба худашон номи ягон мева ё сабзавотро интихоб намоянд. Хохиш намоед, ки аз ҳар корт зиёдатиашро ёбанд. Кадом гуруҳе, ки миқдори зиёдтари ҷавобҳои дурустро пешниҳод намояд, ғолиб мебарояд.

*Бозӣ:"Бачаҳо биёед, як бозӣ мегузаронем, ки номи он «Аз дӯстони сегона чорумаш бошад бегона» мебошад"*

2) Методикаи тасвир намудани меваҳо ва сабзавот. Тарзи тасвир намудани меваҳо ва сабзавотро қадам ба қадам нишон диҳед:
   - шакли асосии мева, ё сабзавот(даврашакл, дарозрӯя ва ғ.)-ро тасвир намоед;
   - қисмҳои иловагии мева, ё сабзавот(барг, чӯб), гирдҳои онро тасвир намоед;
   - қисмҳои зиёдатиашро бо хаткӯркунак тоза кунед;
   - бо қаламҳои ранга ранг кунед.
3) Кори амалӣ. Ба хонандагон супориш дода мешавад, ки ба намунаҳо нигоҳ карда, мустақилона меваю сабзавотро тасвир ва ранг намоянд.

Арзёбӣ. Хонанда:

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ба қоидаҳои бехатарӣ ва тозагӣ риоя карда метавонад? | | | |
| Дар бораи ҳосилғундории фасли тирамоҳ маълумот дода метавонад? | | | |
| Дар кори гурӯҳӣ фаъолият карда метавонад? | | | |
| Меваҳоро аз сабзавот фарқ карда метавонад? | | | |
| Мева ва сабзавотро гурӯҳбандӣ карда метавонад? | | | |
| Меваҳо ва сабзавоти шаклан содда (даврашакл, дарозрӯя)-ро тасвир карда метавонад? | | | |
| Меваҳо ва сабзавоти тасвиркардаашро бо ранги муносиб ранг карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аз хотирааш расми сабзавот ё меваҳоро тасвир ва ранг карда метавонад? | | | |

**Намунаи замима ба китоби дарсӣ аз фанни “Санъат ва меҳнат” барои синфи 1**

Мавзӯъ: Ҷамъоварии ҳосил

1. «Аз дӯстони сегона чорумаш бошад бегона». Ба ин расмҳо бодиққат нигоҳ кунед ва андеша кунед, ки кадомаш зиёдатӣ мебошад.





2. Ба намунаҳо нигоҳ карда, расми мева ва сабзавотро тасвир намоед. Қадамҳои тасвир намудани сабзавот, меваҳо:





1) шакли асосии мева, ё сабзавот(даврашакл, дарозрӯя ва ғ.)-ро тасвир намоед;
2) қисмҳои иловагии мева, ё сабзавот(барг, чӯб), гирдҳои онро тасвир намоед;
3) қисмҳои зиёдатиашро бо хаткӯркунак тоза кунед;
бо қаламҳои ранга ранг кунед.

**Ҷадвали салоҳиятҳои фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” барои синфҳои 1-4**

| Синфи 1 | Синфи 2 | Синфи 3 | Синфи 4 |
|---|---|---|---|
| **Асосҳои дониш** | | | |
| 1.1.1.Моҳияти тарбияи ҷисмонӣ ва машқҳои ҷисмониро барои саломатии худ бо ёрии омӯзгор шарҳ дода метавонад.. | 2.1.1.Аз моҳияти тарбияи ҷисмонӣ огоҳ аст, речаи рӯзро риоя намуда, варзиши пагоҳирӯзиро пайваста иҷро карда метавонад. | 3.1.1.Речаи рӯзу беҳдошти шахсиро риоя намуда, обутобдиҳии бадан ва машқҳои комплексӣ барои инкишофи дурусти ҷисм ва сифатҳои шахсиро иҷро карда метавонад. | 4.1.1.Речаи рӯзу беҳдошти шахсиро риоя намуда, машқҳои варзишӣ барои инкишофи дурусти ҷисм ва сифатҳои шахсиро иҷро менамояд. Аз таърихи варзиш огаҳӣ пайдо намуда, робитаи онро боҳаёти солими дарк менамояд. |
| **Ҳаракат (Фитнес)** | | | |
| 1.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи ҳадди ақал дар шумораи маҳдуди бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд. | 2.2.1.Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар шумораи маҳдуди бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд. Саф мерояд. | 3.2.1.Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии оддӣ идора менамояд. Саф ороста, худро дар саф идора менамояд. | 4.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар як қатор бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии миёна идора менамояд. Саф ороста, худро дар саф пурра идора менамояд. |
| **Обутоби бадан** | | | |
| 1.3.1.Сатҳи миёнаи машқҳои обутоби баданро мувофиқи сину сол нишон дода метавонад. | 2.3.1. Сатҳи миёнаи машқҳои обутоби баданро мувофиқи сину сол нишон дода, манфиати онро шарҳ дода метавонад. | 3.3.1. Сатҳи миёнаи машқҳои обутоби баданро мувофиқи сину сол нишон дода, мафиати онро шарҳ дода, обутоби фардиро бо роҳҳои оддӣ назорат карда метавонад. | 4.3.1. Машқҳои обутоби баданро мувофиқи сину сол нишон дода, мафиати онро шарҳ дода, обутоби шахсиро бо роҳҳои оддӣ назорат намуда, речаи соддаи обутоби баданро ба нақша гирифта амалӣ карда метавонад. |
| **Бехатарӣ** | | | |
| 1.4.1.Қоидаҳо ва тартиботи содаро риоя менамоянд. | 2.4.1. Қоидаҳо ва тартиботи муайяншудаи соддаро риоя менамоянд. | 3.4.1. Қоидаҳо ва тартиботи муайяншударо риоя менамояд ва вазифаҳои онҳоро шарҳ дода метавонад. | 4.4.1.Ҳама қоидаҳо ва тартиботи муайяншударо риоя намуда, вазифаҳои онҳоро шарҳ дода метавонад ва қабул дорад, ки на ҳамеша дар мусобиқаҳо ғолиб меояд. |
| **Арзишҳо** | | | |
| 1.5.1. Имконияти иштирок дар фаъолияти ҷисмониро | 2.5.1. Имконияти иштирок дар фаъолияти ҷисмонро | 3.5.1. Имконияти иштирок дар фаъолияти ҷисмонро мепазирад, | 5.4.1. Имконияти иштирок дар фаъолияти ҷисмонро мепазирад, арзишҳои миллӣ ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| қадр менамояд | мепазирад, арзишҳоро қадр менамояд. | арзишҳои миллӣ ва умумибашариро қадр менамояд. | умумибашариро қадр намуда дуруст шарҳ дода метавонад. |

**Салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” барои синфи 2**

| Синфи 2 |
|---|
| **Асосҳои дониш** |
| 2.1.1. Аз моҳияти тарбияи ҷисмонӣ огоҳ аст, реҷаи рӯзро риоя намуда, варзиши пагоҳирӯзиро пайваста иҷро карда метавонад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– манфиати машқҳои ҷисмонӣ барои саломатиро медонад;<br>– беҳдошти шахсиро риоя менамояд;<br>– реҷаи рӯзро риоя менамояд;<br>– обутоби бадан ва машқҳои комплексӣ барои инкишофи дурусти ҷисм ва сифатҳои шахсиро иҷро менамояд. |
| **Ҳаракат** |
| 2.2.1. Ҳаракатҳои худро дар сатҳи минималӣ дар шумораи маҳдуди бозиҳои варзишӣ ва машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд. Саф меорояд.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– ҳаракатҳои содаи сафиро мувофиқи амрҳо иҷро менамояд;<br>– радифу қаторро аз якдигар фарқ менамояд;<br>– амри сафороии «Ба як қатор саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;<br>– амри сафороии «Ба як радиф саф-ОРО!»-ро иҷро менамояд;<br>– дар қатор ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта метавонад;<br>– дар радиф ҷои худро дуруст ва бе саросемагӣ гирифта тавонад;<br>– харакатҳои одии гимнастикиро иҷро менамояд;<br>– машқҳои рақсии одии акробатикиро иҷро менамояд. |
| **Обутоби бадан** |
| 2.3.1. Сатҳи миёнаи машқҳои обутоби баданро мувофиқи сину сол нишон дода, мафиати онро шарҳ дода метавонад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– манфиати машқҳои ҷисмонӣ барои обутоби баданро медонад;<br>– робитаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро бо тарзи ҳаёти солим дарк менамояд;<br>– обутоби бадан ва машқҳои комплексӣ барои инкишофи дурусти ҷисм ва сифатҳои шахсиро иҷро менамояд;<br>– лаҳзаҳои рафъи хастагиро бо варзиш бароварда метавонад;<br>– таърихи варзишро медонад;<br>– тарзи дурусти иҷрои машқҳои варзиши сабук ва аҳамияти иҷрои онҳоро бахри солимии ҷисм дуруст дарк менамояд;<br>– машқҳои варзишиpo ҳангоми роҳгардӣ ва давидан иҷро менамояд;<br>– давро дар масофаи 30 метр дар 6,2 сон. иҷро менамояд;<br>– бо дав ба дарозӣ ҷаҳиданро ба масофаи 2,00 м. иҷро карда метавонад.<br>– тӯби хурдро дуруст ба масофаи 20 м. ҳаво дода метавонад;<br>– тӯби хурдро боздошта, мустақилона бо он машқ менамояд;<br>– тарзи дурусти ба об даромаданро метавонад;<br>– ба об парида ба пеш бо қувваи дастҳо ҳаракат карда метавонад;<br>– бо дастҳо ва пойҳо ба пеш дар чуқурии 50-80 см. ҳаракат карда метавонад. |
| **Бехатарӣ** |

| |
|---|
| 2.4.1. Қоидаҳо ва тартиботи муайяншудаи содаро риоя менамоянд. Баъд аз машқ оби хунук наменушад.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– моҳияти қоидаҳои бехатариро ҳангоми машқҳои варзишӣ дуруст дарк менамояд;<br>– бо таҷҳизоти варзишӣ дуруст муносибат менамояд;<br>– ҳангоми машқҳои ҷисмонӣ бо либоси варзишӣ эҳтиёткорона машқ менамояд;<br>– меъёрҳои варзишӣ ва қоидаҳои бехатариро азхуд намуда, онҳоро дуруст риоя менамояд;<br>– тарзи дурусти ба об даромаданро медонад ва қоидаи бехатариро ҳангоми шиноварӣ риоя менамояд. |
| **Арзишҳо** |
| 2.5.1. Имконияти иштирок дар фаъолияти ҷисмонро қадр намуда, бештар дар он иштирок менамояд.<br>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:<br>– вазифаи худро дар гурӯҳ шарҳ дода метавонад;<br>– дар муҳокимаи гурӯҳӣ фаъол буда, вазифаи кори гурӯҳҳиро ҳангоми машқҳои оддӣ мефаҳмонад;<br>– одоби муоширатро риоя менамояд;<br>– ҳангоми машқи гурҳӣ ба ҳамсинфонаш халал намерасонад;<br>– фаъолияти машқ намудани худро зери назар мегирад;<br>– хатогиҳоро ҳангоми машқ намудан муайян менамояд;<br>– барои ислоҳи машқҳои хато кӯшиш менамояд;<br>– машқнамоии дигаронро бодиққат мушоҳида намда, тавсияҳои оддӣ дода метавонад;<br>– фаъолият ва машқи худро арзёбӣ намуда метавонад;<br>– аз арзишҳои миллӣ ифтихор менамояд;<br>– миллат, ҷинс, мазҳаб, маҳалро эътироф менамояд. |

**Намунаи дарс аз Роҳнамои омӯзгор барои фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" барои синфи 1**

§ 3,4. Сафоройӣ – 2 соат

**Салоҳият.** Дарси мазкур ба ташаккули салоҳиятҳои зерин равона карда мешавад:

– Ҳаракатҳои худро дар сатҳи ҳадди ақал дар шумораи маҳдуди машқҳои ҷисмонии сода идора менамояд.

**Мақсади дарс.** Хонандагон бояд:

– мафҳуми сафоройӣ ва амрҳои онро бо ёрии омӯзгор шарҳ дода тавонанд;
– оростани радифро бо ёрии омӯзгор шарҳ дода тавонанд;
– тарзи оростани қаторо бо ёрии омӯзгор шарҳ дода тавонанд.
– оростани радиф ва қаторо иҷро карда тавонанд;
– қоидаҳои сафороиро риоя намоянд;

Барнома. Оростани радиф ва қатор. Амрҳои «Ба як (ду) қатор саф-ОРО!», «Ба як (ду) радиф саф-ОРО!», «Рост ист!», «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!», «Ақиб-ГАРД!», ва «Пароканда шав!».

Равиши дарс.

1) Хонандагонро дар саф ҷо ба ҷо намуда, салом додан. Дар бораи сафоройӣ маълумот додан. Ба таври сода шарҳ додани мафҳуми радиф ва қатор. Ба хонандагон амрҳои сафороиро дуруст фаҳмонад. Тарзи сафороиро дар радиф ба хонандагон нишон диҳад. Тарзи сафороиро дар қатор ба хонандагон нишон диҳад.
2) Аз хонандагон пурсидани тарзи оростани радиф ва қатор. Ба онҳо барои ҷавоб додан ёрӣ расонад. Бо ёрии омӯзгор машқ намояд.
3) Амрҳои сафоройӣ, ба тарафҳо гаштан ва моҳияти онҳоро ба хонандагон фаҳмонад. Машқҳои сафоройӣ ва амрҳоро каме шарҳ диҳад. Диққати хонандагонро ба иҷрои оростани радифу қатор ҷалб намояд. Оростани радиф ва қаторо ба хонандагон нишон диҳад. Амрҳои «**Ба як қатор саф-ОРО!», «Ба як радиф саф-ОРО!», «Рост ист!», «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!», «Ақиб-ГАРД!»** ва **«Пароканда шав!» -** ро бо ёрии омӯзгор машқ намоянд.
4) Намунаи машқи сафороиро ба хонандагон намоиш дода, бо онҳо якҷоя иҷро намояд. Хонандагон намунаҳоро якчанд маротиба машқ намоянд.
5) Хонандагонро таъкид намоед, ки дуруст оростани радиф ва қатор муҳим аст. Аз онҳо хоҳиш намоед, ки намунаи дуруст оростани радиф ва қаторро нишон диҳанд. Синфро якҷоя назорат карда, ба хонандагон ҳангоми сафоройӣ ёрӣ расонад.
6) Иҷрои амрҳои «Ба як радиф саф-ОРО!», «Рост ист!», «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!», «Ақиб-ГАРД!» ва «Пароканда шав!» - ро бо хонандагон машқ намояд.
7) Аз хонандагон хоҳиш намояд, ки дуруст иҷро намудани амрҳои «Ба як қатор саф-ОРО!», «Ба як радиф саф-ОРО!», «Рост ист!», «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!», «Ақиб-ГАРД!» ва «Пароканда шав!» - ро машқ намоянд.
8) Дар охир аз хонандагон хоҳиш намоед, ки тарзи дурусти сафоройӣ радифу қатор ва иҷрои амрҳои «**Ба як (ду) қатор саф-ОРО!», «Ба як (ду) радиф саф-ОРО!», «Рост ист!», «Рост-ГАРД!», «Чап-ГАРД!», «Ақиб-ГАРД!»** ва **«Пароканда шав!»** - ро мустақилона машқ намоянд.

Арзёбӣ.

| | | |
|---|---|---|
| | – Сафороиро бо ёрии омӯзгор шарҳ медиҳад | 1 |
| | – Мазмуни амрҳои сафороиро мефаҳмад | 1 |
| | – Оростани радиф ва қаторро иҷро менамояд | 1 |
| | – Мувофиқи тартиб амрҳои сафороиро ҳангоми машқҳои ҷисмонӣ иҷро менамояд | 1 |
| | – Қоидаҳои сафороиро риоя менамояд | 1 |
| – Ҷамъ: | | 5 |

Амрҳои ба тарафҳо гаштан:



«БАРОБАР!»



«НИЗОМ!»





«НИЗОМ!»



«Рост-ГАРД!»



«Чап-ГАРД »



«Ақиб-ГАРД!»

## Адабиёт


Бо забони тоҷикӣ

1. Сафин Д., Мусина Р., ва дигарон. Рушди фикрронии системавӣ ва малакаҳои фаъолияти тадқиқотӣ. Дастури таълимию методӣ барои омӯзгорон. – Душанбе, 2007.
2. С. Акрамов. Табиатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 4. - Душанбе – 2003.
3. С. Акрамов. Методикаи таълими табиатшиносӣ. - Душанбе , 1986.
4. Қодиров Набӣ, Абдуллоев Ибодулло. Табиатшиносӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 4. Душанбе «Комбинати полиграфӣ» 2013.
5. Губанова Л.А. Рушди ҷисмонӣ ва омодагии ҷисмонии мактаббачагони хурдсол (синфҳои I-III), ки дар деҳот таҳсил мекунанд.-Душанбе, 2001.- 50с.
6. Губанова Л.А. Хусусиятҳои ташкил ва баргузории машғулиятҳо доир ба тарбияи ҷисмонӣ дар гурӯҳҳои рӯзаш бардавом.-Душанбе, 2002.-15с.
7. Губанова Л.А. Назорати педагогӣ  аз болои дарсҳои тарбияи ҷисмонҷ. – Душанбе, 2003.- 50с.
8. Сафаров Ш.А., Губанова Л.А. «Шакл ва  методҳои тарбияи ҷисмонии хонандагони  синфҳои ибтидоӣ дар асоси барномаҳои маӯмуӣ ва китобҳои дарсӣ”. Душанбе, 2012.-93с.
9. Губанова Л.А. Меъёрҳои таълимӣ оид ба азхуднамоии малака, маҳорат ва рушди сифатҳои ҳаракат. Паёми Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе,1997.-С. 63-69.
10. Губанова Л.А. Бозиҳои варзишӣ барои ҳар рӯз. – Душанбе, 2005.-71.
11. Губанова Л.А. Қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ.- Душанбе, 2007. -22с.
12. Губанова Л.А.  Аз таърихи ҳаракати олимпӣ. - Душанбе: ДДОТ, 2008. - 52с.
13. Губанова Л.А. Бозиҳои серҳаракат барои ҳар рӯз.- Душанбе: Хирад, 2010. - 71с.
14. Максименко А.М. Асосҳои назария ва методикаи тарбияи ҷисмонӣ: Воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ. Нашри 2 юм, бо ислоҳот ва иловаҳо.- М., 2001. – 320с.
15. Китоби рӯимизии муаллими тарбияи ҷисмонӣ: Воситаи маълумотдиҳӣ методӣ/ Гирдоваранда Мишен Б.И.- М.: АСТ, Астрель, 2003- 526с.
16. Тарбияи ҷисмонӣ. Синфи 10: нақшаҳои дарсбайъ (барои машғулиятҳо бо пойҳо) /муаллиф таҳиягар Видякин М.В.. – Волгоград: Муаллим, 2005.-128с.
17. Тарбияи ҷисмонӣ. Синфи 5: нақшаҳои дарсбайъ/ муаллифон – таҳиягарон Бондаренкова Г.В., Коваленко Н.И., Уточкин А.Ю. – Волгоград: Муаллим, 2005.-182с.

Бо забони русӣ

1. Андреев В. И. Исследовательский метод обучения. М., 1986.
2. Гин А. А. Приемы педагогической техники. Свобода выбора. Открытость. Деятельность. Обратная связь. Идеальность. Пособия для учителей – 7 издание. М.:Вита пресс, 2006.
3. А.В Шишкина, О. П. Алемпиева, А. В. Брехов. Физическая культура Москва, Академкнига/Учебник 2013,-144 с.

Бо забони англисӣ

1. Put the Reading First. Kidergarten Through Grade 3. National Institute for Literacy//Teaching Literacy, Unified Curriculum for Teacher Training in South Sudan
2. The Research Building Blocks for Teaching Children to read. Put the Reading First. National Institute for Literacy

Сарчашмаҳои интернетӣ

1. https://whatedsaid.wordpress.com/2010/06/29/10-ways-to-encourage-students-to-take-responsibility-for-their-own-learning/
2. http://mije.mevlana.edu.tr/
3. http://dx.doi.org/10.13054/mije.13.40.3.4
4. http://univer.tj/post.php
5. http://tg.wikipedia.org/wiki
6. www.bonuvon.tj
7. http://www.razumniki.ru/stihi_na_vse_sluchai32.html
8. http://allforchildren.ru/why/why7.php
9. http://www.solnet.ee/sol/005/v_031.html
10. http://detskiy-sad.com/raskraska-olen/raskraska-olen-6
11. http://www.mindtools.com/CommSkll/ActiveListening.htm
12. http://www.razumniki.ru/zimoy_rasskaz.html
13. festival.1september.ru›articles/590598/
14. metod-kopilka.ru›…**na_urokah__okruzhayuschego_mira**…
15. multiurok.ru›…**urokakh-okruzh**aiushchiegho-**mira**.html
16. UchMet.ru›library/material/135909/
17. nsportal.ru›**Начальная школа**›…**-urokah-okruzhayushchego**
18. scienceforum.ru›2014/pdf/3510.pdf

---

i Доир ба шарт ва мақсаду вазифаҳои вазифаи хонагӣ нигаред ба китоби Лутфуллоев М. «Дарс». Душанбе, 1995. саҳ. 170-177